**[46-А].** Сафарзода, Ҳ.С. Таълимоти ғайриқонунии динӣ ва ба ҳам бархурдани манфиатҳои абарқудратҳо ҳамчун сарчашмаи пайдоиши экстремизми динӣ [Матн] / Ҳ.С. Сафарзода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи пайдоиши давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ». – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, 2024. – С. 21-26.

**[47-А].** Сафарзода, Ҳ.С., Айнуддинзода, Ш.А. Занон ва кӯдакон ҳамчун қурбониёни савдои одамон дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар [Матн] / Ҳ.С. Сафарзода, Ш.А. Айнуддинзода // Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Муқовимат ба савдои одамон: мушкилот ва мулоҳизаҳо». – Душанбе: «Контраст», 2024. – С. 180-187.

**[48-А].** Сафарзода, Ҳ.С., Саидзода, З.А. Мушкилоти муқовимат ба идеологияи экстремистии динӣ-мазҳабӣ ва дурнамои ҳалли онҳо [Матн] / Ҳ.С. Сафарзода, З.А. Саидзода // Маҷмуаи маводи III-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С. 200-207.

**[49-А].** Сафарзода, Х.С. Общесоциальные меры противодействия экстремизму в Республике Таджикистан [Текст] / Х.С. Сафарзода // Сборник материалов международной научно-практической конференции «Проблемы борьбы с преступностью на Евразийском пространстве», посвященной «Году правового просвещения». – Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2024. – С. 150-157.

**[50-А].** Сафарзода, Х.С. Сущность религиозно-политического экстремизма в странах Центральной Азии и некоторые особенности противодействия ему в Республике Таджикистан [Текст] / Х.С. Сафарзода // Сборник материалов III Международной научно-практической конференции на тему «Юридическая наука и практика», посвященная Дню таджикской науки и объявлению «Года правового просвещения». – Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2024. – С. 194-200.

**[51-А].** Сафарзода, Х.С. Сущность и содержание общесоциальных мер противодействия экстремизму в Республике Таджикистан и перспективы их совершенствования [Текст] / Х.С. Сафарзода // XII Балтийский юридический форум «Закон и правопорядок в третьем тысячелетии»: Материалы международной научно-прак. конференции. – Калининград: Калининградский филиал СПбУ МВД России, 2024. – С. 75-79.

**[52-А].** Сафарзода, Х.С. Направления активизации сотрудничества государств-участников СНГ по противодейству экстремистко-террористической идеологии [Текст] / Х.С. Сафарзода // Оперативный вестник. – 2024. – №1. – С. 50-56.

**[53-А].** Сафарзода, Ҳ.С., Аҳёзода, Ш.Т. Таҳдиду хатарҳои муосири экстремизму терроризм ва самтҳои мукаммалгардонии асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии муқовимат ба онҳо [Матн] / Ҳ.С. Сафарзода, Ш.Т. Аҳёзода // Пайки оперативӣ – 2025. – №1 (2). – С. 46-54.

**[54-А].** Сафарзода, Ҳ.С., Саидзода, З.А., Комилов, Д.Р. Назари Мотуридӣ дар муқовимат ба тафаккури ифротии динӣ [Матн] / Ҳ.С. Сафарзода, З.А. Саидзода, Д.Р. Комилов // Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, дурнамо ва рушд. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 27-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти ВКД ҶТ, 2025. – С. 92-97.

**[55-А].** Сафарзода, Х.С., Захватов, И.Ю. Совершенствование координации деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан по противодействию экстремизму [Текст] / Х.С. Сафарзода, И.Ю Захватов // Международная научно-практическая конференция «Государственное управление в правоохранительной сфере»:

материалы международной научно-прак. конференции. – М.: Академии управления МВД России, 12 ноября 2025. – С. 281-290.

**[56-А].** Сафарзода, Х.С., Ахёзода, Ш.Т. Концептуальные основы общесоциальной профилактики экстремизма [Текст] / Х.С. Сафарзода, Ш.Т. Ахёзода // II международный форум: передовой мировой криминологии (17-18.11.2025). – Ташкент: «Nashriyot-hisob tabagi», 2025. – С. 145-156.

## IV. Учебники, учебные и методические пособия:

**[57-А].** Сафаров, Х.С., Ревин, В.П Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть [Текст]: учебник для ВУЗ-ов / Х.С. Сафаров, В.П. Ревин. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – 448 с.; ISBN 978-99947-0-2381.

**[58-А].** Сафаров, Х.С., Ревин, В.П. Уголовное право Республики Таджикистан. Особенная часть. [Текст]: учебник для ВУЗ-ов / Х.С. Сафаров, В.П. Ревин. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – 400 с.; ISBN 978-99947-0-2381.

**[59-А].** Сафаров, Ҳ.С. Хатарҳои фаъолияти экстремистӣ-террористии «Давлати исломӣ» [Матн]: дастури амалӣ / Ҳ.С. Сафарзода. – Душанбе: «Матбааи ВКД ҶТ», 2016 – 60 с.

**[60-А].** Сафаров, Ҳ.С. Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ташкилотҳои экстремистӣ [Матн]: дастури методӣ / Ҳ.С. Сафаров. – Душанбе: «Матбааи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2017. – 33 с.; ISBN 978-99975-947-2-3.

**[61-А].** Сафаров, Ҳ.С. Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии савдои одамон ва тактикаи гирифтани нишондоди аз гумонбаршудагон ва қурбониёни савдои одамон [Матн]: дастури методӣ / Ҳ.С. Сафаров ва диг. – Душанбе: Матбаи РТИТ ва Н ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 64 с.; ISBN 978-99975-947-6-1.

**[62-А].** Сафаров, Х.С. Актуальные проблемы противодействия экстремистской деятельности в Российской Федерации и Республике Таджикистан [Текст]: аналитический обзор / Под общ. ред. А.С. Ханахмедова. – Уфа: УЮИ МВД России, 2018. – 223 с.; УДК 343.974.0223(048.83)(470+575.3); ББК 57.518.5(2Рос)я46+67.518.5(5Тад)я46.

**[63-А].** Сафаров Ҳ.С. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизм ва тактикаи пурсиши гумонбаршудагон [Матн]: дастури илмӣ-амалӣ / Ҳ.С. Сафаров [ва диг.] – Душанбе: Матбааи ВКД ҶТ, 2018. – 100 с.; ISBN 978-99975-947-8-5.

**[64-A].** Сафаров, Ҳ.С., Ҳафиззода, Ш.Х. Муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом [Матн]: воситаи таълимӣ-методӣ / Ҳ.С. Сафаров, Ш.Х. Ҳафиззода. – Душанбе: Матбааи РТМТ ва Н-и ВКД ҶТ, 2019. – 100 с.; ISBN 978-99975-947-6-8.

**[65-A].** Сафарзода, Ҳ.С. Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ [Матн]: дастури таълимӣ-методӣ / Ҳ.С. Сафарзода [ва диг.]. – Душанбе: «Торус», 2021. – 136 с.; ISBN 978-99975-947-2-3.

**[66-A].** Сафарзода, Ҳ.С., Сафаров, С. Гулчине аз муҳаббати Пешвои миллат [Матн]: дастур барои машғулиятҳои тарбиявӣ ва хештаншиносӣ / Ҳ.С. Сафарзода, С. Сафарзода. – Душанбе: Матабаи ДДМИТ, 2021. – 82 с.; ТДУ: 323 (092) (575.3); ТКБ: 66.3 (2 тоҷик).

**[67-A].** Сафарзода, Ҳ.С., Исаев, А.А. Религиозный экстремизм: пути и механизм противодействие (на примере Республики Башкортостан и Республика Таджикистан) [Текст]: учебное пособие / А.А. Исаев, Х.С. Сафарзода [ и др.]. – Уфа: УЮИ МВД России, 2023 – 48 с.; ISBN 978-5-7247-1171-5

**[68-A].** Сафарзода Ҳ.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн]: китоби дарсӣ: дар III ҷилд. Ҷилди II / Ҳ.С. Сафарзода [ва диг.] (Муалифӣ боби 30. – С. 459-506). – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2023. – 640 с.; ISBN 978-99985-900-7-6.

**[69-A].** Сафарзода, Х.С. Административно-правовые основы деятельности полиции по предупреждению и пресечению правонарушений экстремистской направленности [Текст]: учебное пособие / Х.С. Сафарзода [и др.]. – Орёл: ОрЮИ МВД России имени В.В. Лукьянова, 2024. – 91 с.

**[70-A].** Сафарзода, Ҳ.С. Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизм ва терроризм [Матн]: дастури таълимӣ / Ҳ.С. Сафарзода – Душанбе: «Контраст», 2024. – 194 с.; ISBN 978-99985-930-4-6.

**[71-A].** Сафарзода, Ҳ.С., Аҳёзода, Ш.Т., Маҳмараҳимзода, Ф.М. Тавсифи криминологӣ ва ҳуқуқии ҷиноятии экстремизм ва терроризм [Матн]: воситаи таълимӣ / Ҳ.С. Сафарзода, Ш.Т. Аҳёзода, Ф.М. Маҳмараҳимзода. – Душанбе: «Торус», 2025. – 210 с.; ISBN 978-99985-67-73-3.

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ «АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ
КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

*Бо ҳуқуқи дастнавис*



**ВБД: 343:343.9+343.329(575.3)**
**ТКБ: 67.99(2)8+67.99(2)94(2тадж)**
**С – 12**

**САФАРЗОДА ҲАЁТ САЙДАМИР**

# ТАҲҚИҚОТИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИИ АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи ичрои ҷазои ҷиноятӣ

**ДУШАНБЕ – 2025**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2-юми Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.**

**Мушовири илмӣ:** **Зоир Ҷурахон Маҷидзода** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Қудратов Некруз Абдунабиевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналлмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Салаев Нодирбек Сапарбаевич –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва муқовимат ба коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

**Давлатзода Комрон Давлат** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия санаи «11» апрели соли 2026, соати $10^{00}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак, бинои 11, ошёнаи 1, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Суроға: Мирзозода К.Х. Email: qobil9498@mail.ru (тел.: 988949405).

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар Китобхонаи маркази илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» __________ соли 2026 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода Қ.Х.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** аз ноустувории вазъи байналмилалӣ ва шиддат гирифтани низоъҳои мусаллаҳонаи маҳаллӣ ва минтақавӣ, пеш аз ҳама дар Аврупо ва Ховари Миёна бармеояд. Дар ин замина, шаклҳои зӯроваронаи экстремизм – ба монанди фундаментализми динӣ, миллатгароӣ, ҷудоихоҳӣ ва тундгароии ҷавонон, инчунин зуҳуроти муосири онҳо, ба монанди «кибертерроризм» ва «киберэкстремизм», ба таҳдиди глобалӣ барои амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Зиёда аз ин, зуҳуроти экстремистӣ аксар вақт заминаи мусоид ё дастгирии мустақими бозигарони геосиёсии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ пайдо мекунанд. Чунин бозигарон метавонанд ба фаъолияти ташкилоти экстремистӣ-террористии байналмилалӣ илҳом бахшанд ва бо дағалона вайрон кардани меъёрҳои умумиахлоқӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ барои ба қудрат расонидани онҳо мусоидат кунанд. Мисоли равшани ин равиш сарнагун кардани ҳукуматҳои қонунӣ дар якчанд кишварҳои арабӣ мебошад, ки боиси ба сари қудрат омадани бунёдгароёни динӣ тавассути террор ва зӯроварӣ, аз ҷумла, дар Сурия ва Афғонистон ва афзоиши назарраси фаъолияти ташкилоти харобиовари ҳамшабеҳ дар дигар минтақаҳои ҷаҳон гардид.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мунокишаи мусаллаҳонаи дар натиҷаи зуҳуроти ҷиноятии бунёдгароии динӣ таҳмилшударо дар солҳои 1990-уми асри XX паси саркарда аст, масоили таъмини амнияти миллӣ аҳаммияти стратегӣ доранд. Кишвар сиёсати таҳкими пояҳои давлати дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва демократиро, ки бар асоси афзалияти волоияти қонун асос ёфтааст, пайваста амалӣ мекунад. Бо вуҷуди ин, ҷиноятҳои фаромарзии дорои хусусияти экстремистӣ ва идеологияи харобиовари онҳо бо таври мунтазам ба волоияти қонун ва амнияти миллии Ҷумҳурии

Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) ва суботи сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳдид мекунанд.

Маълумоти омории дар ҳуҷҷатҳои консептуалӣ инъикосёфта афкори зикршударо тасдиқ мекунанд. Масалан, дар соли 2016 ҳамагӣ 1100 ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ; дар соли 2017 – 1053; дар соли 2018 – 765; дар соли 2019 – 1062; дар соли 2020 – 1118; дар соли 2021 – 1147; дар соли 2022 – 1197; дар соли 2023 – 1219 ва дар 9 моҳи соли 2024 – 1213 содир шудаанд [23; 24]. Аз ин лиҳоз, такмили чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат ба экстремизм вазифаи афзалиятноки илмӣ ва амалӣ мебошад, ки аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозад.

Экстремизм, ҳамчун ҷинояти бисёрҷанба, аксар вақт бо ангезаҳои сиёсӣ, нажодӣ, миллатгароӣ, динӣ ва маҳаллӣ дар печидагӣ зуҳур меёбад ва ба поймол кардани ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, барангехтани кинаву адовати иҷтимоӣ ва ҳатто бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ ва содир кардани дигар амалҳои зӯроварӣ равона мебошад.

Аз ин лиҳоз, дар илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ экстремизм ба шаклҳо ва намудҳои сершумор ҷудо карда шуда, вобаста ба аломатҳои хусусияти зӯроварӣ ё ғайризӯроварӣ доштани кирдорҳои содиршуда тасниф карда мешавад. Масалан, одамкушӣ, расонидани зарари ҷисмонии дараҷаҳои гуногун, ташкили бетартибиҳои оммавӣ, генотсид ва дигар амалҳои ба онҳо монанд, агар аз рӯйи ангезаҳои экстремистӣ содир карда шаванд, ҳамчун шакли зӯроваронаи экстремизм эътироф мешаванд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ то ҳол мавқеи ягонаи консептуалӣ оид ба мазмун ва мундариҷаи экстремизм дар доираи категорияҳои ҳуқуқи маъмурӣ ва ҷиноятӣ мавҷуд нест. Дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалӣ низ, таърифи умумиэътирофшудаи «экстремизм» муқаррар нашудааст,

гарчанде ки унсурҳои алоҳидаи он дар доираи таърифҳои «табъиз», «ҷудоихоҳӣ», «ксенофобия» ва «нажодпарастӣ» фаро гирифта шудаанд. Гуногунии мавқеъҳои илмии муҳаққиқони варзидаи соҳа аз хусусияти маҷмуи доштани мушкилот шаҳодат дода, зарурати бо равиши бисёрҷониба ва системавӣ омӯхтан ва асоснок кардани фарзияҳои муаллифро ба миён овардааст.

Ҳамин тариқ, бандубасти дурусти ҳуқуқии ҳама шакл ва намудҳои экстремизми зӯроварона ва ғайризӯроварона таҷдиди назар кардани равишҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққуниро тақозо мекунад. Зеро, то имрӯз, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳакҳои мушаххаси қонунгузориро барои муқаррар кардани унсурҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноятии дорои хусусияти экстремистӣ таҳия накардааст. Ғайр аз ин, маҳакҳо оид ба фарқ кардани ҷиноятҳои сершумори хусусияти экстремистидошта аз ҳамдигар ба талаботи асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мушаххасӣ ва пурагии меъёрҳои он ҷавобгӯ нестанд. Аз ин рӯ, омӯзиши системавӣ ва амиқи таркиби ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ҳам барои илми ҳуқуқшиносӣ ва ҳам барои мукаммалгардонии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ самти афзалиятнок маҳсуб меёбад.

Ҳадафи таҳқиқот таҳияи назариявии маҳакҳои қонунгузории аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба криминализатсия ва декриминализатсия кардани кирдорҳои хусусияти экстремистидошта мебошад. Ин коркард, аз як тараф ба криминализатсия кардани он зуҳуроти экстремисте, ки хатари воқеии ҷамъиятиро ба вуҷуд меоранд ва аз тарафи дигар, ба декриминализатсия кардани кирдорҳое, ки хатари воқеӣ надоранд, нигаронида шудааст.

Мураккабии фарқ кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ боиси пайдо шудани мушкилот дар квалификатсияи дурусти онҳо ва мутаносибан инъикоси номутафовити шумораи онҳо дар маълумоти оморӣ гардидааст.

Дар натиҷа, муҳаққиқони масоили мазкур, аксар вақт ба хулосабандиҳои мутафовит меоянд [64, с. 158; 89, с. 9; 117, с. 3; 121, с. 197-223; 122, с. 342-346]. Бо вуҷуди ин, дар давраи аз соли 2014 то 2024 тамоюли умумии афзоиши фаъолияти ташкилоти экстремистӣ ва террористӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар айни замон, таҳлили омори ҷиноятӣ барои давраи зикршуда собит месозад, ки ҷиноятҳои марбут ба экстремизми динӣ-сиёсӣ 87,5% сохтори умумии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористиро ташкил медиҳанд.

Омӯзиши шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташудаи дорои хусусияти экстремистӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои 2014-2024 – 9 484 ҷиноят бақайд гирифта шудааст (дар соли 2014 – 175 (1,84 %); дар соли 2015 – 463 (4,88 %); дар соли 2016 – 891 (9,39 %); дар соли 2017 – 916 (9,65 %); дар соли 2018 – 631 (6,65 %); дар соли 2019 – 772 (8,14 %); дар соли 2020 – 917 (9,66 %); дар соли 2021 – 937 (9,87 %); дар соли 2022 – 1041 (10,97 %); дар соли 2023 – 1266 (13,34 %) ва дар соли 2024 – 1475 (15,55 %) [46].

Зуҳуроти муосири экстремизми динӣ-сиёсӣ, ки бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ барои ҷалби шумораи зиёди ҷавонон ба фаъолиятҳои экстремистӣ алоқаманд мебошад, ба зарурати ногузир оид ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи огоҳонӣ ва пешгирии экстремизм таъкид менамояд.

Зарурати такмили қонунгузорӣ аз талаботи Стратегияи муқовимат бо экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [12], муқаррароти як қатор ҳуҷҷатҳои дигари консептуалӣ, инчунин мавқеи расмии роҳбарияти олии кишвар [125] бармеояд. Дар ин робита, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо зарурати тақвият бахшидани ҳамоҳангӣ ва ҳамкории мақомоти давлатиро дар самти огоҳонӣ ва пешгирии экстремизм таъкид кардаанд [124]. Аз ҷумла, дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин

9-уми марти соли 2024, Сарвари давлат нигаронии худро аз тамоюли манфии мушоҳидашавии пайвастани муҳоҷирони корӣ ба ташкилоти экстремистӣ-террористии «Давлати исломӣ» ва дигар гурӯҳҳои террористӣ изҳор дошт, ки ба гуфтаи ӯ, «нигарониҳои ҷиддиро дар ҷомеа ба бор меорад» [123].

Аз ин рӯ, муқовимати манфиатпазир ба экстремизм аз нигоҳи криминологӣ ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилоти дорои хусусияти илмӣ, таълимӣ, иттилоотӣ, ташкилӣ, равонӣ, динӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодиро талаб мекунад. Аз лиҳози он, ки ҷанбаҳои мазкур сабаб ва шароитҳои аслии пайдоиши экстремизмро ташкил медиҳанд, зарурати ногузири гузаронидани таҳқиқоти байнифанниро талаб менамояд. Чунин таҳқиқот бояд асосии бунёдии ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, таърих, сотсиология, психология, фалсафа, диншиносӣ ва дигар фанҳои марбут ба идоракунии иҷтимоиро ба инобат гирад.

Бо дарназардошти мавқеъҳои дар боло зикршуда, ки бо таври муфассал зарурати иҷтимоии мавзуъ ва аҳаммияти илмиву амалии он асоснок карда шудааст, гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хеле мубрам ва бешубҳа аҳаммиятнок буданаш аз дигар таҳқиқоти қаблан гузаронидашуда, фарқ менамояд. Мубрамияти он аз мураккабӣ ва таниши таҳдидҳои экстремистии муосир ва аҳаммияти он аз зарурати таҳияи асосҳои нави консептуалӣ барои беҳтар кардани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатии дар огоҳонӣ ва пешгирии экстремизм бармеояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Оид ба номувофиқатии унсурҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ (м.м. 189, 307, 307(1), 307(2), 307(3), 307(4) КҶ ҶТ) ва моддаҳои ҳамшабеҳи онҳо дар қонунҳои ҷиноятии дигар кишварҳои минтақа аз ҷониби бисёр муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ таъкид мегардад [71, с. 4; 74, с. 6-7; 94, с. 4; 108, с. 4-5; 116, с. 4-5]. Сабаби асосии он номувофиқатии истилоҳотӣ дар қонунҳои самти «Дар бораи муқовимат ба экстремизм»

мебошад, ки дар навбати худ боиси амалияи мухолифатомези ҳуқуқтатбиқкунӣ гардидааст. Мураккабӣ ва гуногунрангии табиати ҳуқуқии экстремизмро кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ дар доираи пурсишҳои сотсиологӣ таъкид намуда, ба мушкилоти квалификатсияи чунин кирдорҳо ишора мекунанд [117, с. 219].

Хусусияти бисёрҷанбаи экстремизми муосир боиси мавҷудияти равишҳои сершумори таҳқиқотӣ гардида аст. Пеш аз ҳама, дар ин равишҳо таваҷҷӯҳи махсус ба омӯзиши консепсияи муосири муқовимат ба экстремизм дар ростои таъмини амнияти миллӣ ва иттилоотӣ матраҳ шудааст. Масъалаҳои марбут ба ин консепсия ва нақши он дар таъмини амният дар асарҳои З.М. Бешукова [73], Л.Л. Бошаева [75], Е.П. Биков [77], К.Д. Давлатзода [80], А.С. Илнитский [82], О.В. Костилева [87], Н.А. Қудратов [89], Р.В. Кулешов [91], Х.А. Пихов [104], Ф.Р. Шарифзода [122] ва дигар муаллифон ба таври васеъ инъикос ёфтаанд.

Мушкилоти экстремизм, бахусус ҷанбаҳои динии он, ки ҳам мушкилоти дохилидавлатӣ ва ҳам байналмилалӣ арзёбӣ мегардад, дар асарҳои илмии олимон ба монанди В.А. Абдуҳамитов [17], Г.И. Дёмин ва Ю.Н. Жирнов [35], А.А. Исаев [40], З.И. Левин [28], Д. Назиров [100], Р.Ҳ. Раҳимзода [37], Т.А. Сквортсова [110], Н.В. Степанов [111], Э.Г. Филимонов [48], К.В. Ханжов [118], А.К. Шарипова [121] ва дигар муҳаққиқон ба таври муфассал омӯхта шудаанд.

Таҳқиқоти илмии муосир бо дарназардошти мураккабии хусусияти фаромиллии ин мушкилот ва осебпазирии шахсият аз таъсири ғояи экстремистӣ аз ҷониби П.А. Глушенко [79], В.О. Давидов [81], Р.С. Кочои [88], Э.Р. Невский [101], А.В. Петровский [103] ва дигар муаллифон гузаронида шудаанд. Кӯшишҳо вобаста ба баррасии масъалаҳои муқовимат ба экстремизм дар ростои мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ аз ҷониби Э.Б. Магомедов [95] ва дигар муаллифон анҷом дода шудаанд.

Дар асарҳои А.Н. Курдуков [93], П.В. Пошелов [105], В.Ю. Тарасов [112], Э.Ю. Чуклина [120] ва дигар олимон равиши чандиртар дар муқовимат ба идеология ва амалияи экстремизм ва терроризм мушоҳида мешавад.

Дар асарҳои илмии олимони тоҷик ва рус, ба монанди Н.С. Абдуллаев [69], Д.И. Аминов ва Р.Э. Оганян [19], Б.Ш. Қурбонзода [92], А.В. Павлинова [34], А.Т. Сиоридзе [109] ва дигар муҳаққиқон асосан ба хусусияти гурӯҳӣ, муташаккилӣ ва зӯроваронаи экстремизм таъкид гардидааст.

Кӯшишҳо вобаста ба баррасии хусусиятҳои асосии экстремизми иттилоотӣ дар ҳуқуқи маъмурӣ ва ҷиноятӣ аз ҷониби Ш.Т. Аҳёзода [72], Н.К. Ворнович [78], Д.А. Ковлагина [85], В.Е. Мозговой [99] ва дигар муаллифон анҷом дода шудаанд.

Ба масъалаҳои ҷиноят эътироф кардан ва тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, инчунин фарқи байни фаъолиятҳои экстремистӣ ва террористӣ таҳқиқоти М.П. Киреев [57], Ю.А. Королев [86], В.В. Лунеев [58], Р.М. Узденов [113], В.В. Устинов [63], В.В. Фенева [114], М.П. Хайдарзода [117], А.Г. Хлебушкин [119] ва дигар муҳаққиқон бахшида шудаанд.

Таҳқиқоти муҳим дар ин самт аз ҷониби С.В. Борисов [74], В.А. Бурковская [76], С.Н. Фридинский [49; 115], А.Г. Хлебушкин [119] ва дигар муҳаққиқони қаблан номбаршуда, ки рисолаҳои номзадӣ ва сипас доктории худро ҳимоя кардаанд, анҷом дода шудаанд. Инчунин корҳои анҷомдодаи А.А. Можегова [98], Д.Е. Некрасов [102], Е.П. Сергун [108], А.Г. Сидоренко ва Ю.В. Тихомиров [44], Н.В. Степанов [111] ва баъзе муаллифони дигар қобили зикранд.

Аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ФОҶ), сиёсатшиносӣ, диншиносӣ, сотсиология ва ҳуқуқи мусулмонӣ, баъзе ҷанбаҳои муқовимат ба экстремизм дар асарҳои илмии олимони ватанӣ ба монанди У.А. Азиззода [70], А.Ш. Ализода [55], И.Х. Бобоҷонзода [56], Ҷ.М. Зоир [25; 29; 30], А.К. Назаров [31],

П.А. Насуриён [32], Р.Ҳ. Раҳимзода [36; 37; 38; 39], А.И. Сафарзода [41], Ҳ.С. Сафарзода [42], К.Ҳ. Солиев [45; 47; 52], Ф.С. Хайруллоев [51; 52], М. Ҳазратӣ [50], Ш.Ҳ. Ҳафиззода [47; 64], Х.С. Хомушов [53], Т.Ш. Шарифов [66; 67], С.С. Ятимов [54] ва ғ. таҷассум ёфтаанд.

Сарфи назар аз муаррифии васеи мавзуъ, корҳои монографии махсус, ки ба таҳқиқоти системавӣ ва байнифании криминологӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятии мушкилоти муқовимат ба экстремизм ва дигар давлатҳои минтақа бахшида шуда бошад, то айни замон мавҷуд нест. Ин холигӣ дар шароити муосири фаъолшавии ҷинояткории экстремистии фаромиллӣ мубрамияти махсус касб менамояд. Ин раванд, дар навбати худ, ҳам муттаҳидсозии қонунгузории ҷиноятӣ ва ҳам танзими ҳуқуқии ҳамаҷонибаи огоҳонӣ ва пешгирии экстремизмро талаб менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ва экстремистӣ, қочоқи маводи мухаддир ва коррупсия (2021-2025)», мавзуҳои тадқиқотии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ВКД ҶТ) «Мушкилоти назариявӣ ва амалии муосирсозии фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021-2025)» ва «Хусусиятҳои пешгирӣ ва усулҳои мубориза бо зуҳуроти экстремизм ва радикализм дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (2023-2028)», ки аз буҷаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, анҷом дода шудааст.

Аҳаммияти масъалаи баррасишаванда аз ислоҳоти амалишавандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар кишвар бармеояд, ки принсипҳои асосии он дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти № 1005 мавриди амал қарор гирифтааст, инчунин дар Стратегияи муқовимат бо экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли 2021, таҳти № 187 тасдиқ шудааст, инъикос ёфтаанд. Ин таҳқиқот ба манфиатҳои миллӣ ва байналмилалии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, инчунин метавонад ба рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва криминология дар ҷумҳурӣ мусоидат кунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – муайян кардани хусусиятҳои хосси экстремизм ҳамчун ҳуқуқвайронкунии мустақили ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани хатҳои ҷудокунанда байни ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ (дар ҳолатҳои рақобатпазирӣ). Таҳқиқот инчунин ба муайян кардани сабаб ва шароити паҳншавии ин падидаи манфӣ ва таҳияи консепсияҳои назариявӣ оид ба такмили асосҳои ҳуқуқии ташкили огоҳонӣ ва пешгирии ҳамаҷонибаи экстремизм равона мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Ноил шудан ба ҳадафҳои зикршуда ҳалли маҷмуи масъалаҳои тадқиқотии ба ҳам алоқамандро талаб менамояд:

–тавсифи умумии равишҳои асосии муайян кардани мафҳум, шакл ва намудҳои экстремизм;

–кушодани аломатҳои асосии экстремизм дар ҳуқуқи байналмилалӣ;

–муайян кардани хусусиятҳои аломатҳои экстремизм дар қонунгузории зиддиэкстремистии давлатҳо – аъзоёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ);

–мушаххас сохтани аҳаммияти меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ дар муқовимат ба экстремизм;

–муайян кардани масоили мубрам вобаста ба квалификатсияи экстремизм дар ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ва пешниҳод кардани роҳҳои бартараф кардани онҳо;

–омӯзиши вазъ, сохтор ва динамикаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ;

– муайян кардани омилҳои асосии бавуҷудоварандаи экстремизм;

–тавсифи хусусиятҳои шахсияти экстремист;

–ошкор сохтани мазмун ва мундариҷаи чораҳои умумиичтимоии огоҳонии экстремизм;

–муайян кардани хусусиятҳои хосси огоҳонии махсус-криминологии экстремизм;

–кушодани мазмуну мундариҷаи огоҳонии виктимологии қурбониёни экстремизм;

–таҳияи унсурҳои асосии консепсияи муосири огоҳонии умумиичтимоии экстремизм;

–мушаххас сохтани самтҳои беҳтар кардани ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ташкили огоҳонӣ ва пешгирии экстремизм;

–таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмил додани асосҳои консептуалӣ ва қонунгузории муқовимат ба экстремизм.

**Объекти таҳқиқот** маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба татбиқи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат ба экстремизм мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** қонунгузории зиддиэкстремистӣ ва татбиқи он ҳангоми квалификатсияи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва ҷанбаҳои криминологии огоҳонӣ ва пешгирии экстремизм, чораҳо оид ба мукаммалгардонии қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар ин соҳа мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба асосҳои консептуалӣ ва қонунгузории ҷиноят эътироф кардан (криминализатсия), ҷазодиҳӣ (пенализатсия) ва тафриқакунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ (дифференсиатсия) барои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва ташкили огоҳонӣ ва пешгирии экстремизм дар давраи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамаркуз шудааст.

Рисола асосан ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, инчунин таҳияи асосҳои ҳуқуқӣ ва консептуалӣ оид ба ташкили огоҳонӣ ва пешгирии экстремизм дар ҶТ нигаронида шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз соли 2014 оғоз шуда, то ҳол идома дорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** мавқеи роҳбарияти олии сиёсии кишвар, ки дар ҳуҷҷатҳои консептуалӣ таҷассум ёфтаанд, инчунин муқаррароти илмӣ ва хулосаҳои асосноки олимони ватанию хориҷӣ, аз қабили Н.А. Қудратов, К.Д. Давлатзода, В.А. Абдуҳамитов, Н.С. Абдуллаев, А.Х. Имомов, Б.Ш. Қурбонзода, Ҷ.М. Зоир, Р.Ҳ. Раҳимзода, А.И. Сафарзода, Ҳ.С. Сафарзода, М.П. Ҳайдарзода, Т. Шарифов, Ф.Р. Шарифзода, С.С. Ятимов, Ю.М. Антонян, З.М. Бешукова, С.В. Борисов, В.А. Бурковская, Н.К. Ворнович, А.И. Долгова, О.С. Жукова, Д.А. Ковлагин, Т.А. Корнилов, Д.И. Леншин, В.В. Лунеев, И.С. Макеева, А.А. Можегова, Б.А. Милников, А.В. Павлинов, Д.Н. Саркисов, Л.Ч. Сидикова, А.С. Скудин, Г.Я. Узембаева, Р.В. Упорников, С.Н. Фридинский ва А.Г. Хлебушкин ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти олимони мазкур дар нашрияҳои илмие инъикос ёфтаанд, ки асосан ба фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ғайра алоқаманд мебошанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усули умумидиалектикии дарки илмӣ, проблемавӣ-хронологӣ ва системавии омӯзиши масъалаҳои зикршуда ташкил

медиҳад, ки имкон медиҳад падидаҳои воқеияти объективиро дар алоқамандӣ ва инкишофи онҳо омӯхта шаванд. Дар баробари усулҳои умумиилмӣ (таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия) усулҳои сохторӣ-функсионалӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва оморӣ бо таври васеъ истифода шудаанд.

Татбиқи усулҳои умумӣ ва хусусии илмии зикршуда ба муаллиф имкон додаанд, ки асосҳои консептуалии квалификатсияи экстремизм ва дурнамои танзими ҳуқуқии самтҳои фаъолияти мақомоти давлатиро дар муқовимат ба экстремизм муайян намояд.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқот бар пояи қарорҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомоти судии дорои салоҳияти умумӣ ва маълумоти оморӣ дар бораи фаъолияти мақомоти судии Тоҷикистон асос ёфтааст. Инчунин, асоси эмпирикии таҳқиқотро маълумоти оморӣ дар бораи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2024 ва таҳлили 100 парвандаи ҷиноятии бойгонӣ дар ҳамин давра ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, он натиҷаҳои пурсиши сотсиологиро дар бар мегирад, ки дар байни 50 корманди роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд – МКД), 50 муфаттиш, 50 корманди оперативӣ, 100 шунавандаи факултети №1-уми Академияи ВКД ҶТ (бо таҷрибаи беш аз 10 сол дар мубориза ба экстремизм), инчунин 50 олимон ва профессорони факултетҳои ҳуқуқшиносӣ гузаронида шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар таҳлили ҳамаҷониба ва байнифаннии масоили ҳалталаб вобаста ба ҷанбаҳои криминологӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятии муқовимат ба экстремизм дар сатҳи диссертатисионӣ маҳсуб меёбад. Ин таҳлил ҷанбаҳои илмӣ, таълимӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, муҳоҷират ва диниро дар бар мегирад. Равиши байнифаннӣ имкон дод, ки як қатор мушкилоти муҳим муайян карда шаванд, ки ҳалли

онҳо барои решакан кардани мухолифатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин сабабҳои умумииҷтимоӣ, ташкилӣ ва идеологии экстремизм мусоидат мекунад ва мутаносибан самаранокии фаъолияти зиддиэкстремистии мақомоти давлатиро афзун месозад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро иловатан нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда собит месозанд. Натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои таҳқиқотӣ тасдиқи худро ёфта, дар нуктаҳои зерини барои ҳимоя пешниҳодшуда таҷассум ёфтаанд:

1. Қисматнамоии назариявии экстремизми муосир бар асоси ангезаҳои динӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллатгароӣ, маҳалӣ ва дигар ангезаҳои иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки унсурҳои харобиовартарини он, инчунин шаклҳои зӯроварона ва ғайризӯроварона ва намудҳои маъмули онро муайян кунем. Аммо, сохтани таркибҳои мустақили ҷиноятҳои сершумор барои ҳар як намуди экстремизм (бар асоси ангезаҳои онҳо) ба талаботи принсипҳои адолат ва қонуният, инчунин ба маҳакҳои ҷиноят эътироф кардани кирдорҳои хавфноки ҷамъиятӣ ва тафриқакунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ (дифференсиатсия) ҷавобгӯ нест. Зеро ангезаҳои зикршуда ҳамеша бо ҳам печидаанд ва дар камтарин ҳолатҳо дар шакли «холис» зуҳур меёбанд. Мутаносибан, муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои ҳаммонанд дар якчанд меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ аз нигоҳи принсипҳои бунёдии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ номуносиб аст.

2. Аз нигоҳи воқеӣ, зуҳуроти экстремизми муосир дар даъватҳои оммавӣ ё пинҳонӣ, ки кинаю адовати иҷтимоиро бармеангезанд, зоҳир мешаванд. Ингуна даъватҳо барои ҷалби тарафдорон дар асоси ангезаҳои сиёсӣ, динӣ, ҷудоихоҳӣ, миллатгароӣ, нажодӣ ва маҳалгароӣ равона мебошанд. Моҳияти даъватҳо (мафкураҳо)-и экстремистӣ дар халалдор кардани муташаккили ҷомеа, паст

задани шаъну шарафи гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ва барангехтани кинаву адоват мебошад. Хатарноктарин шакли даъватҳои оммавӣ амалҳое мебошанд, ки барои сарнагун кардани сохти конститутсионӣ бо роҳи зӯроварӣ, ғасби ҳокимият ва вайрон кардани тамомияти арзии давлат нигаронида шудаанд.

3. Шакли муташаккилтар ва хатарноктари экстремизм дар хусусияти гурӯҳӣ, муташаккилӣ ва фаромиллӣ доштани он, инчунин дар амалҳои системавӣ ва пайвастаи қувваҳои харобиовар зоҳир мешавад. Ин раванд паҳнкунии мақсаднок ва доимии идеологияи экстремистӣ ё содир кардани амалҳои экстремистиро (ҳам шифоҳӣ ва ҳам тавассути истифодаи васоити ахбори омма ва технологияҳои муосири телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла интернет) дар ҳайати ташкилоти экстремистӣ (иттиҳоди экстремистӣ) дар бар мегирад. Моддаҳои 307(2), 307(3) ва 307(4) КҶ ҶТ шаклҳои муташаккилтарини фаъолияти экстремистиро ҷиноят эътироф мекунанд, ки ин, дар навбати худ, зарурати тафриқакунонии (дифферсиатсияи) ҷавобгарии ҷиноятиро дар доираи як моддаи мустақил тақозо менамояд.

4. Сабабҳо ва шароити умумиҷтимоии объективии дохилии ҷиноятқории экстремистӣ, ки дар маҷмуъ омилҳои бавуҷудорандаи экстремизмро ташкил медиҳанд ва бо ирода ва шуури шахс алоқаманд нестанд, инҳоянд:

а) заминаҳои таърихӣ, равонӣ, динӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ;

б) заминаи мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, афзоиши бесобиқаи аҳолӣ дар баъзе минтақаҳои кураи замин ва табақабандии назарраси ҷомеа ба сарватмандон ва камбағалон;

в) мушкилоти ахлоқӣ, маънавӣ, иттилоотӣ ва таълимӣ;

г) омилҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, илмӣ-педагогӣ, иттилоотӣ-таблиғотӣ, ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ.

5. Сабаб ва шароитҳои умумиичтимоии берунии ҷинояткории экстремистӣ, ки дар маҷмуъ омилҳои бавуҷудорандаи экстремизмро ташкил медиҳанд, инҳоянд:

а) манфиатҳои геополитикии Ғарб ва баъзе кишварҳои мусалмонтабор дар Ховари Миёна ва Осиёи Марказӣ;

б) муҳоҷирати меҳнатии беруна ва таъсири он ба ҷаҳонбинии динии ҷавонони Осиёи Марказӣ;

в) таъсири идеология ва амалияҳои созмонҳои экстремистӣ-террористӣ, ки дар Афғонистон, Покистон ва дигар кишварҳои мусалмонтабор фаъолият мекунанд, ба шуури ҷавонони кишварҳои Осиёи Марказӣ;

г) технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ҳамчун воситаи паҳн кардани идеологияи экстремистӣ;

ғ) гирифтани таҳсилоти ғайриқонунии динии экстремистӣ дар хориҷи кишвар.

6. Хусусияти байнифаннӣ доштани экстремизми динӣ-сиёсӣ зарурати андешидани чораҳои ҳамаҷонибаи муқовиматро дар самтҳои зерин тақозо менамояд:

– гузаронидани таҳқиқоти муштараки илмиро барои муайян кардани ғояҳои таҳрифшудаи таблиғотии динӣ-сиёсӣ, таърихӣ ва иттилоотии дорои хусусияти экстремистӣ, ки танзими ҳуқуқӣ ва ташкили фаъолияти муштараки муассисаҳои илмӣ дар доираи салоҳияти онҳо;

– таҳияи стандартҳои давлатии таълимӣ, барномаҳо ва китобҳои дарсӣ барои ҳама сатҳи таълим (мактабҳо, коллеҷҳо, техникумҳо, донишгоҳҳо, мактабҳои динӣ ва ғ.). Ин ҷанба инчунин омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, ходимони динӣ ва сиёсӣ ва коршиносони ҳуқуқӣ дар соҳаи муқовимат ба идеологияи экстремистиро дар бар мегирад;

– ҳамоҳангсозии доимии фаъолияти вазорату идораҳои «шаҳрвандӣ» вобаста ба таблиғоти касбии зидди идеологияи экстремистӣ дар байни табақаҳои васеи ҷомеа (муҳоҷирон,

созмонҳои ҷамъиятӣ ва динӣ ва ғайра), аз ҷумла тавассути васоити ахбори омма (минбаъд – ВАО) ва Интернет.

7. Пешниҳод карда мешавад, ки муқаррароти м.м. 189, 307, 307(1), 307(2), 307(3), 307(4) КҶ ҶТ дар доираи як ҷинояти мустақил, вале бо бандҳои фарқкунандае, ки вазнинии ҷавобгарии ҷиноятиро дар таҳрири зерин муқаррар мекунанд, муттаҳид карда шаванд:

Доктринаи моддаи 307 (Экстремизм) КҶ ҶТ:

1. Кирдоре, ки барои такроран (ду ё зиёда маротиба дар давоми сол) ба амал овардани даъватҳои оммавӣ ё пинҳонӣ бо мақсади барангехтани кинаву адовати иҷтимоӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ, ғасби ҳокимияти давлатӣ ё вайрон кардани тамомияти арзии давлат ё паст задани шаъну шарафи гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ, инчунин паҳн ва сафедкунии такрории идеологияи экстремистӣ ё паҳн кардани маводи экстремистӣ аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ, нажодӣ, миллатгароӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва маҳалгароӣ, аз ҷумла тавассути истифодаи воситаҳои ахбори омма ё телекоммуникатсия ё шабакаи Интернет ё бо тарзҳои дигар равона шудааст, агар чунин амалҳо дар давоми сол пас аз ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудани шахс барои ҳамингуна амалҳо содир шуда бошанд,

– бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то чор сол бо татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти идеологӣ ҷазо дода мешавад.

2. Ҳамин кирдорҳо содир шуда бошанд:

а) аз ҷониби шахсе, ки иҷрои чораҳои маъмуриро барои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии дорои хусусияти экстремистӣ вайрон кардааст;

б) дар ҳайати гурӯҳи шахсон;

– бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол бо татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти идеологӣ ҷазо дода мешавад.

3. Кирдори дорои хусусияти экстремистӣ, ки бо ҷалби дигар шахсон ё ташкил ва гузаронидани таълимоти динӣ, ё таъсис ва роҳбарии ташкилоти (иттиҳодияи) экстремистӣ ё бо кирдорҳои зерин алоқамананданд:

в) бо истифода аз мақоми хизматии худ;

г) дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок;

ғ) бо супориши ташкилотҳои нияти душманонадошта ё намояндагони давлатҳои хориҷӣ,

– бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол бо татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти идеологӣ ҷазо дода мешавад.

4. Иштирок дар фаъолияти ташкилоти (иттиҳодияи) экстремистӣ ё дар таълими дорои хусусияти экстремистӣ:

– бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол бо татбиқ намудани чораҳои идеологии дорои хусусияти маҷбурӣ ҷазо дода мешавад.

*Эзоҳ 1:* Сафедкунии оммавии идеологияи экстремистӣ – паҳнкунии ошкоро ё махфии иттилоот дар байни ду ва ё зиёда шахсон бо мақсади эътироф кардани идеология ва амалияҳои экстремизм, инчунин ташвиқи дигарон барои дастгирӣ ва тақлид кардан ба он фаҳмида мешавад.

*Эзоҳ 2:* Ҷалбкунанда шахсе мебошад, ки шахси дигарро ба содир кардани як ё якчанд ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ тавассути таблиғ ва паҳн кардани идеологияи экстремистӣ, таҳрик, додани пора, фиреб, иръоб, таҳдид ё дигар воситаҳо ташвиқ ва ё моил мекунад.

*Эзоҳи 3:* Ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ кирдорҳои хавноки ҷамъиятие эътироф карда мешаванд, ки аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ, нажодпарастӣ, миллатгароӣ, динӣ ё маҳаллгароӣ содир карда мешаванд.

*Эзоҳи 4:* Ташкилоти (иттиҳоди) экстремистӣ – ҳизби сиёсӣ, иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё динӣ ё дигар ташкилотест, ки нисбати он ҳалномаи ба ҳукми қонунӣ даромада дар бораи барҳам додан ё манъ кардани фаъолият бинобар амалӣ кардани фаъолияти экстремистӣ қабул шудааст, ё ташкилот (иттиҳод)-и дорои як ва ё якчанд воҳидҳои сохтории муташаккил, ки фаъолияташон барои таҳияи нақшаҳо ва ё фароҳам овардани шароит барои тайёр ва содир кардани як ё якчанд ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ равона шудааст.

*Эзоҳи 5:* Талаботи преюдитсияи маъмурии ин модда ба ташкилкунандагон, роҳбарон ё моилгарони ташкилоти (иттиҳодии) экстремистӣ ё ба шахсони дорои доғи судӣ татбиқ намегардад.

*Эзоҳи 6:* Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти идеологӣ дар асоси стандартҳои таълимии давлатӣ ҳамчун маҷмуи донишҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, таърихӣ, адабӣ, равонӣ ва динӣ муайян карда мешаванд, ки ҳадафи онҳо безарар гардонидани ғояҳои экстремистӣ ва тарбияи таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба баробарии ҳамаи миллатҳо ва халқҳо дар ботини шахсони маҳкумшуда мебошад. Тартиби татбиқи ин чораҳо аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ тибқи қонунгузории амалкунанда дар муассисаҳои ислоҳии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муқаррар карда мешавад.

*Эзоҳи 7:* Шахсоне, ки аз содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистии дараҷаи сабук ё миёна сидқан пушаймон шудаанд ва ё ихтиёран ва сари вақт мақомоти давлатиро дар бораи узвияти худ ба такшилоти (иттиҳоди) экстремистӣ ва ё барои тайёрӣ ба содир кардани ҷинояти дорои хусусияти экстремистии дарҷаи вазнин ё махсусан вазнин хабардор дода, барои пешгирии онҳо мусоидат кардаанд, агар дар кирдорҳои онҳо аломатҳои дигар таркибҳои ҷиноят мавҷуд набошанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд.

8. Барои ҳалли масоили илмӣ, таълимӣ, кадрӣ, иттилоотӣ-таблиғотӣ, ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои ташкилӣ, ки ба бартараф кардани сабаб ва омилҳои умумиичтимоии экстремизм нигаронида шудаанд, пешниҳод карда мешавад:

а) ба моддаи 11-и Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» банди нави 7.3 бо мазмуни зерин ворид карда шавад:

«Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ваколатҳои зеринро дорад:

– фаъолияти муассисаҳои илмии ҳамаи вазорату кумитаҳо ва идораҳоро дар гузаронидани таҳқиқоти муштарак ва ҳамаҷонибаи илмӣ дар соҳаи муқовимат ба идеологияи экстремистӣ-террористӣ ҳамоҳанг месозад;

– комиссияи дахлдорро барои баррасӣ ва арзёбии мундариҷа ва сифати лоиҳаҳои тадқиқоти маҷмуии илмӣ вобаста ба муқовимат ба идеологияи экстремистӣ-террористӣ таъсис медиҳад».

б) дар моддаи 11-и Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» банди нави 7.1 ворид карда шавад:

«Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ваколатҳои зеринро дорад:

– фаъолияти муассисаҳои илмӣ, педагогӣ ва таълимиро вобаста ба таҳия намудани стандартҳо ва барномаҳои давлатӣ, китобҳои дарсӣ ва курсҳои махсус дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризмро барои ҳамаи сатҳи таълим ҳамоҳанг месозад;

– комиссияи дахлдорро барои таҳия ва назорати сифати татбиқи стандартҳои давлатӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ ва курсҳои махсус дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои ҳамаи сатҳи таълим таъсис медиҳад;

– тайёр кардан ва баланд бардоштани малакаи петагогии кадрҳои ҳама сатҳи таълимро дар соҳаи муқовимат ба идеологияи экстремистӣ-террористӣ анҷом медиҳад».

в) дар моддаи 11-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» банди нави 7.1 ворид карда шавад:

«Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ваколатҳои зеринро дорад:

– фаъолияти иттилоотӣ-таблиғотии вазорату идораҳо, ташкилоти ҷамъиятӣ ва динӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар муқовимат ба идеологияи экстремистӣ-террористӣ дар ВАО ва шабакаи Интернет ҳамоҳанг месозад;

– комиссияи дахлдорро барои баррасӣ ва арзёбии мазмуну моҳияти баромадҳо ва маводи иттилоотӣ-таблиғотӣ оид ба муқовимат ба идеологияи экстремистӣ-террористӣ дар ВАО ва шабакаи Интернет таъсис медиҳад».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти байнифаннӣ маълумот ва хулосаҳои наве падид омад, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалии корро собит месозанд. Ин натиҷаҳо метавонанд ҳамчун асос барои таҳияи консепсияҳо, стратегияҳо ва қонунгузорие, ки ба муқовимат ба экстремизм ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар дигар давлатҳои аъзои ИДМ нигаронида шудаанд, хизмат намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои таҳияи стандартҳои давлатии таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ ва курсҳои махсус оид ба муқовимат ба экстремизм, инчунин барои гузаронидани лексияҳо ва семинарҳо аз фанҳои таълимӣ ба монанди ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва курси махсуси муқовимат ба экстремизм манфиапазиранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии дар рафти таҳқиқот бадастомада метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва дигар санадҳои қонунгузорие, ки асосҳои ҳуқуқии ташкили

огоҳонӣ ва пешгирии экстремизмро ташкил медиҳанд, ба инобат гирифта шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар самтҳои зерин истифода бурд:

– дар фаъолияти меъёрэҷодкунии ҳокимияти қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳо – аъзоёни ИДМ;

– дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ ва байниидоравии МКД, амнияти миллӣ ва прокуратура вобаста ба муқовимат ба экстремизм;

– дар таҳияи асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии низоми давлатии муқовимат ба экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дар гузаронидани фаъолияти таҳқиқотии байниидоравӣ, миллӣ ва минтақавӣ вобаста ба таҳлили мушкилоти муқовимат ба экстремизм.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот, муайян кардани ҳадаф ва ҳалли ҳамаҷонибаи вазифаҳо собит мегардад. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, инчунин тавсияҳои амалии таҳияшуда дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба манбаъҳои назариявӣ ва қонунгузорӣ, амалияи судӣ-тафтишотӣ, таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ, фаъолияти амалии МКД ва дигар мақомоти давлатӣ дар соҳаи огоҳонӣ ва пешгирии экстремизм ва маълумоти гуногуни оморӣ асос ёфтаанд.

Инчунин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро, иловатан таҳлили Конститутсияи ҶТ, Кодекси ҷиноятии ҶТ, Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ, Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

солҳои 2021-2025, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра таъмин менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф бо нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва таклифу пешниходҳои муаллиф вобаста ба такмили қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилмлалӣ ва минтақавӣ, ки дар санадҳои воридсозӣ оид ба фаъолияти сохторҳои алоҳидаи МКД ва дигар мақомоти қонунгузори кишвар таҷассум ёфтаанд, собит мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД ҶТ омода шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Тасвиб ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз фанҳои таълимии «Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Криминология», «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва курси махсуси «Муқовимат бо экстремизм ва терроризм» дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда аст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин дар фаъолияти амалии Раёсати мубориза бо ҷинояткории муташаккил, Раёсати тафтишотӣ ва Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғон ва ҷавонони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шудаанд. Муаллиф

натиҷаҳои тадқиқотро вобаста ба масъалаҳои мушаххаси дар доираи рисола баррасишуда, марҳила ба марҳила дар шакли мақолаҳои илмӣ дар конфронсҳои зерин пешниҳод кардааст:

**а) Байналмилалӣ:**

– «Мушкилот ва хатарҳои ҷиноятии фаромиллӣ дар фазои Иттиҳод, ки аз сабаби вазъият дар Афғонистон ба вуҷуд омадаанд: тамоюлҳо, пешгӯиҳо ва роҳҳои бартарафкунӣ» бо маъруза дар мавзуи «Сабабҳои асосии афзоиши фаъолияти экстремистӣ-террористӣ дар Афғонистон ва масъалаҳои амниятӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» (ш. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 25 майи соли 2022);

– «25-солагаии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо» бо маъруза дар мавзуи «Нигоҳе аз таърихи миллати форсу тоҷик перомуни паёмадҳои ифротгароии динӣ-мазҳабӣ» (ш. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 27 май, 2023);

– «Муқовимат бо ифротгароӣ ва терроризм: ҷанбаҳои фалсафӣ, равонӣ, сотсиологӣ ва сиёсӣ» бо маъруза дар мавзуи «Моҳияти ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва баъзе хусусиятҳои муқовимат ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Краснодар, Донишгоҳи ВКД Россия дар шаҳри Краснодар, 23 ноябри соли 2020);

– «Мушкилоти муқовимат ба экстремизм ва терроризм: Формати минтақавӣ» бо маъруза дар мавзуи «Хусусиятҳои мубориза бо экстремизми динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Барнаул, Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Россия дар шаҳри Барнаул, 24 ноябри соли 2023);

– «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик» бо маъруза дар мавзуи: «Мушкилоти муқовимат ба идеологияи экстремистии динӣ-мазҳабӣ ва дурнамои ҳалли онҳо» (ш. Душанбе, Академия МВД ҶТ, 19 апрели соли 2024);

– «Мушкилоти мубориза бо ҷиноякорӣ дар фазои Авруосиё», бо маъруза дар мавзуи «Чораҳои умумиҷтимоии

муқовимат ба экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 10 майи соли 2024);

– «Қонун ва тартибот дар ҳазораи сеюм», бо маъруза дар мавзуи «Моҳият ва мундариҷаи чораҳои умумииҷтимоии муқовимат ба экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои такмили онҳо» (ш. Калининград, Филиали Калининградии Донишгоҳи ВКД Россия дар ш. Санкт-Петербург, 10 майи соли 2024);

– «Идоракунии давлатӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», бо маъруза дар мавзуи «Беҳтар кардани ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муқовимат бо экстремизм» (ш. Москва: Академияи идоракунии ВКД Россия, 12 ноябри соли 2025) ва ғайра.

**б) Ҷумҳуриявӣ:**

– «Масъалаҳои муосири ислоҳоти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо маърӯза дар мавзуи «Таҳдидҳои муосири экстремизм ва мушкилоти рафъи онҳо» (ш. Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 9 декабри соли 2015);

– «Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ» бо маърӯза дар мавзуи «Проблемаҳои ташкили муқовимат ба идеологияи экстремизми динӣ» (ш. Душанбе, ДМТ, 27 майи соли 2023);

– «Муқовимат ба савдои одамон: мушкилот ва мулоҳизаҳо» бо маъруза дар мавзуи «Занон ва кӯдакон ҳамчун қурбониёни савдои одамон дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар» (ш. Душанбе, Академия ВКД ҶТ, 26 октябри соли 2023);

– «Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи пайдоиши давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ» бо маъруза дар мавзуи «Таълимоти ғайриқонунии динӣ ва ба ҳам бархурдани манфиатҳои абарқудратҳо ҳамчун сарчашмаи пайдоиши экстремизми динӣ» (ш. Душанбе, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, 5-6 апрели соли 2024);

– «Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, дурнамо ва рушд. Бахшида ба 27 солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон» бо маъруза дар мавзуи «Назари Мотуридӣ дар муқовимат ба тафаккури ифротии динӣ» (ш. Душанбе, Академия ВКД ҶТ, 10 октябри соли 2025) ва ғ.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии муаллиф, ки дар раванди кори диссертатсионӣ бадастомада дар 5 монография, 3 китоби дарсӣ, 3 дастури илмӣ, 9 васоити таълимӣ ва 51 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки 20 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тотористон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, панҷ боб ва понздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 543 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

**Муқаддимаи рисола** мубрамият, дараҷаи коркарди илмии мавзуъ, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқотро фарогир мебошад. Дар он асосҳои методологӣ, назариявӣ, амалии таҳқиқот, навоварии илмии он ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда кушода шудаанд.

**Боби якуми рисола – «Асосҳои консептуалии ташаккули мафҳуми экстремизм ва квалификатсияи ҳуқуқии он дар ҳуқуқи байналмилалӣ»** аз се зербоб иборат буда, фарогири масъалаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии марбут ба таърифи ҳуқуқии мафҳум ва шаклу намудҳои экстремизм, аз ҷумла, дар қонунгузории миллӣ, минтақавӣ ва

байналмилалӣ мебошад. Боби мазкур хусусияти муқаддимавӣ дошта, ба асосҳои бунёдии ташаккули мазмуни ифротгароӣ аз нигоҳи назариявӣ ва таърихӣ бахшида шудааст. Дар он доираи васеи масъалаҳои мубоҳисавӣ ошкор карда шудаанд, ки дар бобҳои минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсия муфассалтар баррасӣ гардидаанд.

*Муаллиф дар зербоби якуми боби аввали рисола – «Равишҳои асосӣ оид ба муайян намудани мафҳум ва шаклу намудҳои экстремизм»* мафҳуми «экстремизм»-ро аз нигоҳи ҳуҷҷатҳои консептуалӣ ва ақидаҳои назариявии олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил менамояд. Таҳлил инчунин бар асоси далелҳо ва рӯйдодҳои таърихӣ, ки қабл аз пайдоиши меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ин соҳа арзи вуҷуд доштанд, анҷом дода шудааст. Чунин равиши маҷмуӣ имкон медиҳад, ки бе сарфи назар кардани мазмуни ҳуқуқии экстремизм масоили таърихӣ, назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар сатҳи васеътар баррасӣ гарданд, зеро қонун қисми ҷудонашавандаи воқеияти таърихӣ мебошад.

Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши экстремизм, аз ҷумла таърихи танзими ҳуқуқии он имкон медиҳад, ки мафҳуми умумиҳуқуқии экстремизм дар ростои хусусиятҳои динӣ, сиёсӣ, нажодпарастӣ, миллатгароӣ, маҳалгароӣ ва дигар хусусиятҳои он муайян карда шавад. Маҳз ҳамин хусусиятҳо аломатҳои асосии мавзуи танзими ҳуқуқии экстремизми муосирро ташкил медиҳанд. Чунин равиши илмии хусусияти байнифаннидошта ба муаллиф имкон медиҳад, ки намудҳо ва шаклҳои хатарноктарини онро дар масири таърихӣ муайян кунад. Чунин равиш, дар навбати худ имкон медиҳад, ки ҳангоми ташкили муқовимат ба экстремизм ба сабабҳои бунёдии пайдоиши экстремизм таваҷҷуҳ зоҳир гардида, ҳудудҳои вокуниши мутаносиб ба ҳама зуҳуроти он қаблан муайян карда шаванд.

Масоили мубрам вобаста ба мураккабӣ ва хусусияти бисёрҷанбагии мафҳумҳои муосири «экстремизм», «фаъолияти экстремистӣ» баррасӣ мешаванд, зеро марзҳои хусусияти

ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ-маъмурии онҳо то ҳол мавриди интиқоди одилонаи илмӣ қарор доранд [58, с. 58]. Муаллиф изҳор медорад, ки сарфи назар аз ҳамгироии мунтазами ангезаҳои сиёсии экстремизм бо миллатгароӣ ва фундаментализми динӣ, он метавонад дар ҳама гуна соҳаи иҷтимоӣ зоҳир шавад. Бо вуҷуди ин, ҷиноят эътироф кардани зуҳуроти камаҳаммият ва нодир (дар варзиш, фарҳанг, экология ва ғайра) номуносиб аст. Назарҳо ва чораҳои «экстремистӣ» танҳо дар сурате унсурҳои таркибии ҷиноятро ташкил медиҳанд, ки агар онҳо хусусияти системавӣ касб карда, бо асосноккунии зӯроварии ҷисмонӣ ё равонӣ нисбати мухолифон алоқаманд бошанд. Набудани хусусияти системавӣ ва унсури возеҳи зӯроварӣ табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдорро истисно мекунад ва имкон медиҳад, ки он ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ квалификатсия карда шавад. Ҳамин тариқ, муаллиф шаклҳои «зӯроварона» ва «ғайризӯроварона»-и экстремизмро тафриқабандӣ менамояд. Ғайр аз ин, бо таҳлили доираи васеи мафҳумҳои назариявии олимони муосири ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мафҳум, шакл ва намудҳои экстремизм, диссертант мушкилоти калидии мазмуни ҳуқуқии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро муайян менамояд. Масъалаҳои мазкур дар бобҳои минбаъдаи диссертатсия низ мавриди таҳлил ва арзёбии ҳамаҷониба қарор мегиранд.

*Дар зербоби дуюм – «Моҳияти иҷтимӣ-ҳуқуқии экстремизм дар ҳуқуқи байналмилалӣ»* муқаррароти асосии санадҳои байналмилалӣ, аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (с. 1948), Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии он (с. 1950), Эъломияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ (с. 1963), Конвенсияи байналмиллалӣ дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ (с. 1965), Муоҳидаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои маданӣ ва сиёсӣ (с. 1966), Эъломия дар бораи нажод ва поймолкунии нажодӣ (с. 1978), Эъломия дар бораи барҳам додани ҳама

гуна таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси дин ё эътиқод (с. 1981) ва ғайра, ки асосҳои бунёдии ташаккулёбии мафҳуми экстремизм, шаклу намудҳои он ва мутаносибан ташкили огоҳонӣ ва пешгирии ҳама гуна зуҳуроти ифротгароиро ташкил медиҳанд, мавриди таҳлили комплексӣ қарор дода шудаанд.

Таҳлили санадҳои байналмилалии зикршуда собит менамоянд, ки унсурҳои алоҳидаи экстремизми муосир дар доираи таърифҳои бо ҳам алоқаманд, ба монанди «табъиз», «ксенофобия», «таҳаммулпазирӣ», «ҷудоихоҳӣ», «радикализм» ва «фундаментализм» тафсир карда мешаванд. Аммо, пайвастагии ногузири онҳо баррасии мустақилонаи онҳоро ғайриимкон мегардонад. Дар ин банд таъкид шудааст, ки дар ҳуқуқи байналмилалӣ аксар вақт таърифҳои «фундаментализм» ва «экстремизм» ҳамчун категорияҳои нисбатан мустақил шарҳ меёбанд. Ғайр аз ин, байни мафҳумҳои «экстремизм» ва «терроризм» фарқияти возеҳ вуҷуд надорад. Дар ин замина, муаллиф қайд мекунад, ки номуайянии мафҳуми ҳуқуқии «экстремизм» дар қонунгузории миллӣ боиси интиқоди асосноки байналмилалӣ, ҳамчун категорияи ҳуқуқии эҳтимолан барои сӯиистифода мусоидаткунада, эътироф гардидааст [68].

Бо мақсади муайян кардани сабаб ва шароитҳои бунёдии пайдоиши экстремизми зӯроварона ва мутаносибан муайян кардани мавқеи байналмилалӣ дар муқовимат ба он, унвонҷӯ таҳлили васеи қатъномаҳои Шурои Амнияти Созмони Милалӣ Муттаҳид (минбаъд – ША СММ) № 58/174 (с. 2003), № 68/127 (с. 2013), № 68/276 (с. 2014), № 2178 (с. 2014), № 2195 (с. 2014), № 2249 (с. 2015), № 2309 (с. 2016), № 2322 (с. 2016), № 2354 (с. 2017), № 2368 (с. 2017) ва ғайраро анҷом додааст. Муаллиф бар асоси таҳлил ба хулосае меояд, ки тавсияҳои сохторҳои дахлдори СММ кишварҳои узвро барои таҳияи нақшаҳои миллӣ вобаста ба бартараф сохтани сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, идеологӣ, иттилоотӣ, ахлоқӣ, маънавӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқии пайдоиши

экстремизм ва терроризм дар асоси принсипи таҳаммулпазирӣ ва инсондустӣ водор месозад.

Ба андешаи унвонҷӯ, ин равиш имкон медиҳад, ки дар бобҳои минбаъдаи рисола талаботи консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шавад. Мутаносибан масоили мубрами дорои хусусияти илмӣ, таълимӣ, иттилоотӣ, динӣ, ҳуқуқӣ, криминологӣ ва идоракунӣ муайян ва мушаххас гардонида шаванд.

*Дар зербоби сеюми боби якум – «Мафҳум ва мазмуни экстремизм дар ҳуқуқи байналмилалии минтақавӣ ва қонунгузории миллии давлатҳои аъзои ИДМ»* зикр мегардад, ки ки дар ҳуқуқи байналмилалии минтақавӣ [22, с. 37] таърифи ифротгароӣ дар б. 3 қ. 1 м. 1 Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм (Шанхай, 15-уми июни соли 2001) муқаррар карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, мафҳуми зикршуда мазмуни экстремизмро бо пуррагӣ инъикос намекунад.

Тибқи б. 2 қ. 1 м. 1 Конвенсияи нави Созмони ҳамкориҳои Шанхай «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 9-уми июни соли 2017 мафҳуми «экстремизм» ба таври зайл муайян карда шудааст: «Идеология ва амалияе, ки барои ҳалли низоъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва динӣ бо роҳи зӯроварӣ ва дигар амалҳои ғайриконститутсионӣ нигаронида шудааст». Қариб чунин истилоҳ дар м. 1 Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муковимат ба экстремизм» ҷойгузин аст.

Аммо, таҳлили санадҳои қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ нишон медиҳад, ки дар марҳилаҳои аввал таърифи ягона ва равшан вуҷуд надошт. Масалан, дар м. 1 Қонуни намунавӣ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 14-уми майи соли 2009 зери мафҳуми «экстремизм» «таҷовуз ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, инчунин поймол кардани ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, ки дар натиҷаи инкор намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дигар

қоидаҳои аз ҷониби ҷомеа қабулшуда, амалӣ мегардад» фаҳмида мешавад.

Чунин мафҳум, бар хилофи Конвенсияи Созмони ҳамкориҳои Шанхай, нопурра аст, зеро дар он унсурҳои муҳимме ба монанди барангехтани кинаву адоват, инчунин ангезаҳои динӣ, миллатгароӣ ва дигар ангезаҳо он мавҷуд нестанд. Ғайр аз ин, унвонҷӯ қайд менамояд, ки байни зуҳуроти зӯроварӣ ва ғайризӯроварии экстремизм фарқияти возеҳ гузошта нашудааст. Ба гуфтаи муаллиф, маҳз ҳамин камбудиҳо дар мафҳуми «экстремизм» дар м. 1-и Қонуни намунавӣ асоси дар доираи мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ» бо таври васеътар кушодани он шуданд, ки бо роҳи номбар кардани як қатор ҷиноятҳои бо ангезаҳои экстремистӣ содиршуда, маънидод шудааст.

Довталаб минбаъд қайд мекунад, ки экстремизм дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва минтақавӣ худро ҳам дар шаклҳои зӯроварӣ ва ҳам ғайризӯроварӣ зоҳир менамояд. Он ба чор намуди асосӣ (динӣ, миллатгароӣ, нажодӣ ва сиёсӣ) ва як қатор намудҳои «ёрирасон» (забонӣ, ҷинсӣ, қабилавӣ, маҳалӣ ва иҷтимоӣ) тасниф карда мешавад. Аз ин лиҳоз, танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи инсон сараввал боят дорои приюдитсияи маъмурӣ бошад. Ба гуфтаи муаллиф, чунин равиш барои пешгирии экстремизми ғайризӯроварона ва табдил наёфтани он ба шакли зӯроварона зарур мебошад.

Илова бар ин, унвонҷӯ қайд мекунад, ки таснифи экстремизм (ё идеологияи экстремистӣ) бар асоси ангезаҳои динӣ-сиёсӣ дар кодексҳои ҷиноятии Озарбойҷон ва Қазоқистон пайдо кардан мумкин аст. Намудҳои экстремизми ҷудоихоҳона ва миллатгароёна ҳамчун ҷиноятҳои мустақил дар кодексҳои ҷиноятии Россия, Украина ва Беларус инъикос ёфтаанд. Моддаи 187 Кодекси намунавии ИДМ аз 17-уми феврали соли 1996 ҳамчун манбаи асосӣ барои муайян кардани номгӯи ҷиноятҳои экстремистӣ хизмат менамояд. Аз ин рӯ, дар низомҳои ҳуқуқии ҳамаи кишварҳои минтақа,

барангехтани кинаву адоват, ки бар асоси ангезаҳои экстремистӣ ва даъватҳои оммавӣ асос ёфтаанд, ҳамчун унсури системаноккунии тамоми ҷиноятҳои экстремистӣ мебошад. Дар б. «е»-и қ. 1-и м. 63-и Кодекси намунавӣ ангезаҳои экстремистӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи кирдори ҷиноятӣ зикр шудаанд, ки дар б. «е»-и қ. 1-и м. 62-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин таҳрир инъикос ёфтааст: «содир кардани ҷиноят бар асоси бадбинии маҳаллӣ, миллӣ, нажодӣ ё динӣ, таассуби динӣ, интиқом барои амалҳои қонунии дигар шахсон, инчунин бо мақсади пинҳон кардани ҷинояти дигар ё мусоидат ба содиршавии он».

Ба андешаи муаллиф, ибораи нисбатан мақбултар дар б. «е»-и қ. 1-и м. 54-и КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон ва б. «е»-и қ. 2-и м. 63-и КҶ Федератсияи Россия мавҷуд аст, аз ҷумла: «содир кардани ҷиноят аз рӯйи кина ва ё адовати сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ ва ё кина ё адоват нисбат ба ягон гурӯҳи иҷтимоӣ». Чунин мафҳум ба таври возеҳ хусусияти экстремистии ҷиноятҳои дахлдорро инъикос карда, тафсилоти нолозимро дар бар намегирад.

Кодекси намунавии ИДМ ангезаҳои экстремистиро ҳамчун аломати вазнинкунанда барои як қатор ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ва амсоли онҳо, аз ҷумла «Одамкушӣ» (б. «м», қ. 2, м. 111), «Расонидани зарари вазнин ба саломатӣ» (б. «м», қ. 2, м. 119) ва «Нобуд кардан ё расонидани зарар ба амволи дигарон» (б. «д», қ. 2, м. 252) муайян мекунад. Ин равиш дар моддаҳои шабеҳи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои аъзои ИДМ инъикос ёфтааст.

Дар хулосаи ин банд, муаллиф ба хулосае меояд, ки аз муқаррароти м. 295 Кодекси намунавӣ, ки аз ҷиҳати мазмун бо м. 307 КҶ ҶТ ҳамшабеҳ аст. Аммо м. 307 КҶ ҶТ бо м. 307(1) КҶ ҶТ дар рақобати номутаносиб қарор дорад, ки мушкили ҷиддиро ба бор овардааст. Чунин камбудиҳои қонунгузорӣ дар КҶ Федератсияи Россия (м. 280 ва ғайра) низ мушоҳида мешаванд. Танқиди чунин

муқаррарот дар илм ва ҳуқуқи байналмилалӣ аз он бармеояд, ки ҷудо кардани экстремизм аз рӯи ангезаҳо ҳамчун ҷиноятҳои мустақил боиси номуайянии ҳуқуқӣ гардидааст.

**Боби дуюми рисола – «Квалификатсияи ҳуқуқии экстремизм дар қонунгузории зиддиэкстремистии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** низ аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб бо истифода аз усулҳои таҳлили системавӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ заминаи ҳуқуқии квалификатсияи экстремизм бо дарназардошти талаботи консептуалии меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ, ки моҳият ва мазмуни қонунгузории зиддиэкстремистиро фаро мегиранд, баррасӣ карда мешавад.

*Дар зербоби якуми боби дуюм – «Асосҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ-маъмурии квалификатсия экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»* мазмуни меъёрҳои конститутсионие, ки принсипҳои асосии муқовимат ба экстремизмро танзим менамоянд, кушода шудаанд. Чунин асосҳо, аз ҷумла, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ мустақар гардидаанд, ки ғасби ҳокимияти давлатӣ (м. 6) ва даъватҳои оммавиро барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани тамомияти арзии давлат (м. 7) манъ мекунанд. Илова бар ин, моддаи 8 монеаҳои назарраси ҳуқуқиро барои амалҳои ғайриқонунии ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ки аз рӯйи ангезаҳои экстремистӣ кинаву адовати иҷтимоиро бармеангезанд, муқаррар мекунад [1].

Ҳамин тариқ, м.м. 6, 7 ва 8, ки дар боби «Асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷойгир шудаанд, асосҳои конститутсиониро барои таҳкими минбаъдаи меъёрҳои дахлдор дар қонунгузории соҳавӣ ташкил медиҳанд. Маҳз муносибатҳои ҷамъиятие, ки асосҳои сохтори конститутсиониро ҳифз мекунанд, ба ҳайси объекти асосии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои экстремистӣ баромад менамояд, ки дар КҶ ҶТ (м.м. 189, 307, 307(1), 307(2), 307(3), 307(4) КҶ ҶТ) ва Кодекси

ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии (минбаъд – КҲМ) ҶТ (м.м. 374, 462(1) КҲМ ҶТ) инъикос ёфтаанд.

Аммо, ба андешаи муаллиф, ҳуқуқи маъмурӣ дар огоҳонии экстремизм дорои иқтидори васеътари пешгирикунанда мебошад. Маҳз ҳамин мавқеъ таваҷҷуҳи минбаъдаи муаллифро ба мазмуни маъмурии экстремизм дар қонунгузории дигар давлатҳо – аъзоёни ИДМ ҷалб менамояд. Аммо «Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31-уми декабри соли 2008, таҳти № 455 то соли 2020 [5] меъёри мустақил оид ба муқовимат ба экстремизм ба маънои томаш пешбинӣ намекард. Новобаста ба ин қаблан дар КҲМ ҶТ меъёрҳои сершумор вобаста ба баъзе кирдорҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта мавҷуд буданд, ки барои таъсир расонидан ба зуҳуроти гуногуни экстремизм мусоидат менамуданд. Аз ҷумла: м. 85 «Маҷбур кардан барои риояи таълимоти динӣ ё риоя накардани он, иштирок кардан дар маросими динӣ ё иштирок накардан дар он»; м. 474(1) «Паҳн кардани ғайриқонунии адабиёти динӣ»; м. 474(2) «Вайрон кардани тартиби гирифтани таҳсилоти динӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ» ва ғайра.

Ташаккул додани равиши мазкур бо мақсади фарқ гузоштан байни ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ, дар ин банд ба таври васеъ масъалаи преюдитсияии маъмурӣ дар ҳуқуқи ҷиноӣ ҳамчун аломати ташкилдиҳандаи таркиби ҷиноят барои қаблан содир кардани ҳуқуқвайронкунии ҳамшабеҳ, баррасӣ мегардад [97, с. 13]. Дар натиҷа, муаллиф ба хулосае меояд, ки ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани ташкилкунандагон, моилгарони ташкилоти экстремистӣ ва иштирокчиёни фаъоли мунокишаҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар қобили қабул нест. Танҳо он категорияҳои шахсоне, ки идеология ва амалияи экстремизмро дар шакли ғайрифаъолтар (масалан, бо лайк гузоштан, навиштани шарҳҳо ва ғ.) сафед мекунанд ё шахсоне, ки идеологияи экстремизми динӣ-сиёсиро дар мухолифат

бо арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии халқи тоҷик сафед мекунанд, бояд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шаванд.

*Дар зербоби дуюми боби дуюм – «Таснифи ҳуқуқии экстремизм дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»,* назарияҳои илмии ташаккулёфтаи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба криминализатсия, декриминализатсия, дифференсиатсия ва квалификатсияи ҷиноятҳо таҷассум гардидааст. Мақсад аз чунин тафсилот муқоисаи талаботи ин назарияҳо бо меъёрҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақар гардидааст, маҳсуб меёбад.

Ба андешаи унвонҷӯ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо – аъзоёни ИДМ, ангезаҳои экстремистӣ хусусияти асосии ҳама гуна ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта мебошанд [21, с. 11].

Муаллифи рисола минбаъд таъкид менамояд, ки ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта метавонанд якчанд объект (асосӣ, иловагӣ ва факултативӣ) дошта бошанд, зеро онҳо дар фасл ва бобҳои гуногуни КҶ ҶТ ҷойгир шудаанд. Масалан, чунин ҷиноятҳо дар бобҳои зерини КҶ ҶТ мавҷуданд: «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд»; «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ»; «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ»; «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ»; «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат»; «Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният».

Ба гуфтаи муаллиф, аз сабаби набудани таърифи умумиэътирофшудаи экстремизм (фаъолияти экстремистӣ) дар илм, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ва минтақавӣ, зуҳуроти экстремизм бояд ҳамчун ҷиноятҳое эътироф карда шаванд, ки дар онҳо ангезаҳои экстремистӣ ҳамчун унсурҳои ҳатмии ҷиноят инъикос ёфтаанд ва ё бе ба инобат гирифтани чунин ангезаҳо тасаввур кардани онҳо ғайриимкон аст. Дар айни замон, ангезаҳои экстремистӣ ҳамчун унсури асосии

ҷиноят дар м.м. 143, 189 ва 398 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Аммо, моддаҳои 307, 307(1), 307(2), 307(3) ва 307(4) КҶ ҶТ аз рӯйи моҳияти худ, танҳо ангезаҳои экстремистиро дар назар доранд. Ин моддаҳо хусусиятҳои мушаххаси фарқкунандаи ҷиноятӣ надоранд.

Дар асоси пурсишҳои сотсиологӣ, омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва адабиёти илмӣ, унвонҷӯ муайян менамояд, ки тарафи объективии ҷиноятҳои дар м.м. 189, 307, 307(1), 307(2), 307(3), 307(4) КҶ ҶТ пешбинишуда дар бо таври оммавӣ ё пинҳонӣ барангехтани кинаву адоват аз рӯйи ангезаҳои экстремистӣ зуҳур меёбанд.

Дар таҳлили интиқодии Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми июни соли 2014, таҳти № 1 (бо тағйиру иловаҳои Қарори Пленум аз 16-уми июни соли 2015, таҳти № 73) муаллиф қайд мекунад, ки мафҳумҳои «экстремизм» ва «фаъолияти экстремистӣ» дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм», ки эътибори ҳуқуқии худро гум кардааст, истифода мешаванд. Ғайр аз ин, Қарор масъалаҳои мушкили амалияи судӣ ва тафтишотиро вобаста ба татбиқи дурусти муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, ҳангоми рақобати м. 307 бо м. 307(1) КҶ ҶТ ё м. 307(2) бо м. 307(3) КҶ ҶТ баррасӣ намекунад. Ҳамчунин вобаста ба маҳакҳои фарқ кардани м. 374 ва 462(1) КҲМ ҶТ аз м. 189 КҶ ҶТ ягон тавсия вуҷуд надорад.

Дар натиҷа муаллиф ба хулосае меояд, ки м.м. 307(2), 307(3) ва 307(4) КҶ ҶТ идомаи мантиқии м.м. 189, 307 ва 307(1) КҶ ҶТ мебошанд, зеро онҳо шаклҳои муташаккилтари экстремизмро ифода мекунанд. Муаллиф инчунин мазмуни баҳсҳои илмӣ, холигоҳҳои қонунгузорӣ ва амалияи ихтилофомези ҳифзиҳуқуқиро, ки дар атрофи ин ҷиноятҳо ба миён меоянд, равшан менамояд.

*Дар зербоби сеюми боби дуюм – «Самтҳои мукаммалсозии аломатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»*, масоили мубрам вобаста ба коркарди

консепсияи илмӣ оид ба муттаҳид сохтани таркибҳои такроршавандаи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Муаллиф мавқеашро вобаста ба он, ки муқаррароти моддаҳои 307, 307(1), 307(2) ва 307(3) КҶ ҶТ бо талаботи бандҳои 1-3, қисми 1 моддаи 11 КҶ ҶТ (Қоидаҳои тафсири қонуни ҷиноятӣ) мухолифанд, асоснок менамояд. Чунин раванд бинобар аз ҳад мураккаб будани мазмуну моҳияти мафҳумҳои «экстремизм», «фаъолияти экстремистӣ», «иттиҳоди экстремистӣ» ва «ташкилоти экстремистӣ» дар қонунгузории зиддиэкстремистӣ инъикос ёфтаанд, рӯйи кор омадааст, ки фарқ кардани онҳоро дар амалияи ҳукуқтатбиққунӣ душвор мегардонад [117, с. 17; 72, с. 8-18]. Ин мушкилот дар Лоиҳаи нави КҶ ҶТ (минбаъд – Лоиҳа) низ инъикос ёфтааст. Бо тамаркуз ба таҳлили м. 344 Лоиҳа, қайд карда мешавад, ки он ба таблиғот ва даъватҳои оммавӣ барои ғасб ё нигоҳ доштани ҳокимият, инчунин амалҳои мустақим барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ дахл дорад. Ғайр аз ин, моддаҳои 346, 392 ва 393 Лоиҳа шаклҳои муташаккили экстремизм таҷассум шудаанд. Дар ҳоле ки м. 347 даъватҳои оммавӣ ва сафед кардани экстремизм ва ташкили таълими экстремистии диниро ҷиноят эътироф менамояд.

Дар натиҷаи таҳлили муфассал, муаллифи рисола муқаррар мекунад, ки м. 347 мазмуну моҳияти м. 344-ро пурра дар бар мегирад. Мувофиқи талаботи м. 11(1) КҶ ҶТ дар сурати ихтилофи меъёрҳо, бояд ба меъёре, ки мавқеи ҷинояткорро сабук мекунад, афзалият дода шавад [2]. Ғайр аз ин, муқаррароти м.м. 346, 392 ва 393 ҳамон зуҳуроти хатарноки ҷамъиятиро танзим менамоянд ва онҳоро баъзан бо ташкилоти экстремистӣ, баъзан бо чунин иттиҳод ва дар ҳолати дигар бо иттиҳодияи динӣ омехта мекунанд. Ҳамин тариқ, равиши қонунгузор дар Лоиҳаи нави КҶ ҶТ дар криминализатсия кардани шаклҳои муташаккили экстремизм хусусияти номутаассилӣ дорад, ки зарурати

муттаҳид сохтани ҷиноятҳои ҳамшабеҳро дар доираи як моддаи мукаммал собит месозад.

Як қатор муҳаққиқон бар ин мавқеъанд, ки равиши номутаносиби қонунгузор оид ба ҷиноят эътироф кардани зуҳуроти экстремизм яке аз омилҳои мусоидаткунандаи афзоиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мебошад [86, с. 9].

Имрӯз равиши норавшан ва мухолифро дар сатҳи қонунгузорӣ вобаста ба квалификатсия кардани зуҳуроти экстремизм, бахусус, бо м. 189 КҶ ҶТ, ки дорои преюдитсияи маъмурӣ мебошад, мушоҳида кардан мумкин аст. Бо м. 462(1) КҲМ ҶТ дар давраи соли 2024 – 172 адад кирдори маъмурии дорои хусусияти экстремистӣ ва дар ду моҳи аввали соли 2025 беш аз 30 адад чунин ҳуқуқвайронкунӣ ба қайд гирифта шудааст [46].

Дар ин робита, муҳаққиқон қайд мекунанд, ки «даъват ба содир кардани кирдори маъмурии дорои хусусияти экстремистӣ наметавонад ҷиноят ҳисобида шавад, зеро кирдорҳои хавфноки ҷамъиятӣ дар ин самт бояд хусусияти системавӣ дошта бошанд»[20, с. 194; 106, с. 105; 113, с. 193; 119, с. 11].

Ҳамин тариқ, кӯшишҳо барои ҳалли масъалаҳои марбут ба мухолифатҳои ҳуқуқӣ байни м.м. 189, 307, 307(1), 307(3) ва 307(4) КҶ ҶТ аз он сабаб аст, ки квалификатсияи дурусти ҷиноятҳо шарти зарурии фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ва таъини ҷазои одилона мебошад [96, с. 118, 131, 141].

**Дар боби сеюми диссертатсия – «Тавсифи криминологии экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** вазъ, сохтор ва динамикаи ҷинояткории экстремистӣ, миқёс ва хатари ҷамъиятии он таҳлил карда мешавад. Таваҷҷӯҳи махсус ба хусусиятҳои хосси шахсияти экстремист, омилҳои пайдоиши экстремизми динӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа ва равишҳои муосири муқовимат ба он матраҳ гардидааст.

*Дар зербоби якуми боби сеюм – «Вазъ, сохтор ва динамикаи ҷинояткории экстремистӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,* унвонҷӯ қайд менамояд, ки «хамёзаи»-и муайяни ҷиноятҳои экстремистӣ ва террористӣ бо оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1990-ум ва тағйирёбии амалҳои харобиовари ташкилоти экстремистӣ-террористии байналмилалӣ дар даҳсолаҳои охир, дар пасманзари бад шудани муносибатҳои байни қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ алоқаманд мебошад.

Табиати иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷинояткориро баррасӣ карда, муаллиф қайд мекунад, ки ноорамиҳои иҷтимоӣ боиси афзоиши якбораи ҷинояткорӣ ва тағйирёбии хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии он мегарданд. Масалан, агар дар соли 1991 дар қаламрави ҷумҳурӣ 18476 ҷиноят ба қайд гирифта шуда бошад, пас дар соли 1992 (дар оғози ҷанги шаҳрвандӣ) шумораи онҳо ба 25294 ва дар соли 1993 ба 24646 расид. Бо барқарор шудани фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соли 1994, ин рақам ба таври назаррас коҳиш ёфта, ба 14279 ҷиноят расид. Баъдан, тамоюли коҳиши устувор мушоҳида шуд: дар соли 2006 танҳо 11223 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки 7% камтар дар таносуб ба соли 2005 мебошад [7].

Дар натиҷаи таҳлил, муаллифи рисола муайян менамояд, ки шумораи умумии ҷиноятҳои бақайдгирифташудаи дорои хусусияти экстремистӣ дар давраи таҳлилшуда (2014-2024) 9584 ададро ташкил додааст. Динамикаи ин ҷиноятҳо бо нишондиҳандаҳои зерин тавсиф мешавад: с. 2014 – 175 (1,84 %); с. 2015 – 463 (4,88 %); с. 2016 – 891 (9,39 %); с. 2017 – 916 (9,65 %); с. 2018 – 631 (6,65 %); с. 2019 – 772 (8,14 %); с. 2020 – 917 (9,66%); с. 2021 – 937 (9,87%); с. 2022 – 1041 (10,97 %); с. 2023 – 1266 (13,34 %); с. 2024 – 1475 (15,55 %). Инчунин, муҳаққиқ муайян кард, ки моддаи 307(3) КҶ ҶТ дар сохтори ҷиноятҳои экстремистӣ нақши бартарӣ дошта, ҳиссаи он 7028 ҷиноят ё (74,10 %)ташкил медиҳад. Ҳиссаи унсурҳои дигар ҷиноятҳо чунинанд: моддаи 189 – 491

(5,17 %); м. 307 – 473 (4,98 %); м. 307(1) – 959 (9,05 %); моддаи 307(2) – 633 (6,67%) [46].

Дар сохтори ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ дар давраи солҳои 2014-2024, ҳиссаи асосиро м. 401(1) КҶ ҶТ ташкил медиҳад – 3689 (81,66 %). Зуҳуроти терроризми «воқеӣ» бошад, дар маҷмӯъ беш аз 5 %-ро ташкил медиҳанд: м. 179 – 152 (3,36 %); м. 181 – 49 (1,08 %); м. 182 – 24 (0,53 %); м. 184 – 1 (0,02 %); м. 310 – 1 (0,02 %) [46].

Муаллиф минбаъд қайд менамояд, ки таҳлили ҳамаҷонибаи вазъ, сохтор ва динамикаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ имкон дод, ки як қатор хулосаҳо руйи кор оянд:

1. Тибқи омори расмӣ, сатҳи баланди ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ асосан аз номукаммалии қонунгузорӣ ва амалияи номутаносиби ҳуқуқтатбиққунӣ вобаста аст. Аз ҷумла, дар зиёда аз 25-30 % ҳолатҳо, як кирдори ҷиноятӣ аз сабаби мураккабии диспозитсияҳои м.м. 189, 307, 307(1), 307(2), 307(3) КҶ ҶТ ҳамчун маҷмуи ҷиноят, яъне бо якчанд моддаҳо квалификатсия карда шудаанд. Новобаста ба он, ки меъёрҳои зикркарда унсурҳои гуногуни фаъолияти экстремистиро дар бар мегиранд, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ шахсони гунаҳкор асосан тибқи м. 307(3) КҶ ҶТ (74,10 %) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Чунин раванд, пеш аз ҳама бо мавҷудияти меъёри ҳавасмандгардонӣ дар эзоҳи моддаи зикркарда вобаста аст, ки асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро танзим мекунад. Инчунин бинобар он, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ дар м. 307(3) КҶ ҶТ нисбат ба м. 307 КҶ ҶТ сабуктар пешбинӣ гардидааст. Ғайр аз ин, истифодаи васеъи қ. 2 м. 307(3) КҶ ҶТ аз он сабаб аст, ки дар м. 307(1) КҶ ҶТ муқаррароти ҳавасмандгардонӣ бораи озод кардан аз ҷавобгарӣ бинобар сидқан пушаймон шудан ва ҳамкорӣ кардан бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавҷуд нест.

Алоқамандии муайяне байни м. 307(3) КҶ ҶТ ва м. 401(1) КҶ ҶТ муқаррар шудааст, зеро онҳо мутаносибан шумораи

аксарияти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористиро ташкил медиҳанд. Таҳлили парвандаҳои оперативӣ ва ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки асоси идеологии ҳарду ҷиноят дар зиёда аз 83,2 % ҳолатҳо ақидаҳо ва назарҳои экстремистии динӣ-сиёсӣ мебошанд. Ғайр аз ин, зиёда аз 85,7 % шахсони гунаҳгоршуда дар фаъолияти экстремистӣ тавассути интернет ба ташкилоти экстремистӣ-террористӣ ҷалб карда мешаванд. Дар баробари ин, ҷалби ҷавонон, инчунин тавассути тамошои мунтазам ва паҳн кардани маводди экстремистӣ ва тавассути тамосҳои мустақими ҷисмонӣ ё иттилоотӣ байни ҷалбкунанда ва «объект» сурат мегирад.

Муқаррар карда мешавад, ки рӯйпӯшшавии (латентность) ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз омори расмӣ 5-7 маротиба зиёдтар аст.

Таъйиноти асосии баҳисобгирии сатҳи ҷинояткорӣ (барои ҳар 100 000 нафар) имкон медиҳад, ки муқоисаи афзоиши фаъолияти экстремистӣ дар саросари кишвар, вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо муайян карда шавад. Чунин тобиш имкон медиҳад, ки минтақаҳои осебпазиртар барои кормандони оперативӣ ва мақомоте, ки фаъолиятҳои огоҳикуниро анҷом медиҳанд, муайян кунем ва самтҳои афзалиятҳои корро равшан созем.

*Зербоби дуюми боби сеюм – «Сабаб ва шароитҳои пайдоиши экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,* номгузорӣ шудааст. Дар раванди таҳқиқот сабаб ва шароитҳои объективии хусусияти дохилӣ ва умумии иҷтимоидоштаи ҷинояткории экстремистӣ муайян карда шуданд, ки дар маҷмуъ ҳамчун омилҳои бавуҷудоваранда, ки аз ирода ва шуури инсон вобаста нестанд, шарҳ дода шудаанд. Ин омилҳо инҳоянд: 1) заминаҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва таърихӣ (омилҳои таърихӣ, равонӣ, динӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ); 2) омили демографӣ (афзоиши бесобиқаи аҳолӣ, ки боиси зуҳурёбии сабабҳои ҷинояткорӣ мегардад); 3) мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавӣ-ахлоқӣ (аз ҷумла мушкилоти

таълимӣ); 4) омилҳои институтсионалӣ-ҳуқуқӣ (ташкилӣ-ҳуқуқӣ, илмӣ-педагогӣ, иттилоотӣ-таблиғотӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ).

Ба андешаи муаллиф, омилҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, илмӣ-педагогӣ ва иттилоотӣ-идеологӣ (ҳамчун ҷузъи сабабҳои умумииҷтимоии объективии экстремизм) дар камбудиҳои (мушкилоти) зерин зоҳир мешаванд: 1) набудани таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти илмӣ-педагогии ҳамоҳангшудаи ниҳодҳои дахлдори давлатӣ, вазорату идораҳо дар омӯзиши табиати экстремизми динӣ-сиёсӣ; 2) набудани стандартҳои комили давлатӣ, барномаҳо, фанҳои таълимӣ ва курсҳои махсус дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, коллеҷҳо, техникумҳо ва донишгоҳҳои ҷумҳурӣ вобаста ба муқовимат ба экстремизм; 3) нарасидани омӯзгорони баланихтисос, идеологҳо ва илоҳиётшиносон барои ҳама гуна сатҳи таълим (дар мактабҳо, донишгоҳҳо, масҷидҳо, ВАО ва дигар платформаҳои иттилоотӣ); 4) набудани механизми комили арзёбӣ ва назорати сифати таълими хонандагон, донишҷӯён ва омӯзгорон дар ин самт.

Ба сабаб ва шароитҳои махсуси (дохилӣ) иҷтимоӣ, ки дар маҷмуъ омилҳои объективии ҷинояткории экстремистиро ташкил медиҳанд (азирода ва шуури инсон вобаста нестанд), инҳоянд: 1) зиддиятҳи муҳит ва шуур дар соҳаи маънавиёти динии ҷомеа; 2) мушкилоти таълимоти динӣ ва ниёзҳои қонеънашуда ба таълими динӣ; 3) шиддат гирифтани муқовимат байни созмонҳои экстремистӣ ва рӯҳониёни расмӣ; 4) зиёрати бесобиқа ва дуршавии ҷавонон аз мактаби анъанавии динии ҳанафӣ; 5) нокомилии рақобатпазирии рӯҳониён, донишгоҳҳои динӣ, масҷидҳо ва зиёиён дар муқовимат ба идеологияи экстремистӣ-динӣ.

Сабаб ва шароити умумииҷтимоӣ (берунӣ), ки дар маҷмуъ омилҳои бавуҷудоварандаи ҷинояткории экстремистӣ мебошанд, инҳоянд: 1) манфиатҳои геополитикии давлатҳои Ғарб ва мусулмонӣ дар Осиёи Марказӣ ва Ховари Миёна; 2) муҳоҷирати меҳнатии беруна ва оқибатҳои он барои

ҷаҳонбинии динии мусулмонон дар Осиёи Марказӣ; 3) таъсири созмонҳои экстремистӣ-террористӣ, ки дар Афғонистон, Покистон ва дигар кишварҳои мусалмонӣ фаъолият мекунанд, ба шуури ҷавонон; 4) технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ҳамчун воситаи паҳн кардани ҷаҳонбинии экстремистӣ; 5) гирифтани таҳсилоти ғайриқонунии экстремистии динӣ дар хориҷа; 6) мушкилоти ташкили зиёрат ҳамчун омили бесаводии динии аҳолӣ.

Сабаб ва шароити инфиродии пайдоиши экстремизм инҳоянд: 1) бӯҳрони ҳувияти маънавӣ ва равонии ҷавонон; 2) таъсири муҳити микроэкстремистии динӣ (хешовандон ва дӯстони наздик) ба ҷаҳонбинӣ; 3) ташаккули ангезаҳо (хашм, ҳасад, интиқом, «ҳамбастагии» бардурӯғ барои «бародарони мусалмон») ҳамчун унсурҳои шахсияти экстремист; 4) ташкили таълимоти ғайриқонунии динӣ дар дохил ва хориҷи кишвар; 5) таъсири муҳоҷирати ғайриқонунии меҳнатӣ ба паҳншавии бесобиқаи идеологияи экстремистӣ тавассути интернет; 6) номуассирии (нокомии) муассисаҳои ислоҳӣ дар аз нав тарбия ва барқарор кардани афроде, ки ба идеологияи экстремистӣ гирифторанд.

Дар хулоса, муаллиф қайд менамояд, ки дар муддати кӯтоҳи таърихӣ экстремизми динӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистони муосир худро дар шакли возеҳ зоҳир кардааст. Аммо сатҳи афзоиши баланди он пеш аз ҳама аз вазъи геосиёсӣ дар минтақа вобаста аст. Барои ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда, муаллиф дар боби 5-уми рисола тавсияҳои консептуалӣ ва амалӣ пешниҳод мекунад.

*Дар зербоби сеюми боби сеюм – «Хусусиятҳои криминологии шахсияти экстремист»,* муҳаққиқ симои васеи криминологӣ ва таърифи шахсияти ҷинояткоронеро, ки фаъолияти экстремистиро анҷом медиҳанд, пешниҳод мекунад.

Масалан, таҳлили парвандаҳои оперативӣ ва ҷиноятӣ, омори Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии (минбаъд – СМИТ) ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои пурсиш ба

муҳаққиқ имкон додаанд, муайян кунад, ки дар аксари мавридҳо шахсони ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористиро содиркарда, мардон (зиёда аз 97%) дар синну соли: 14-18 сола – 1,81 %; 19-23 сола – 16,55 %; 24-28 сола – 21,91 %; 29-33 сола – 20,91 %; 34-38 сола – 14,82 %; 39-43 сола – 10,56 %; 44-48 сола – 6,05 %; 49-53 сола – 3,35 %; 54-58 сола – 2,18 %; 59-63 сола – 1,11 %; 64 сола ва боло аз он – 0,74 % мебошанд. Аъзоёни «фаъоли» ташкилоти экстремистӣ-террористӣ шахсони 19-38 сола (73,87 %) мебошанд. Ғайр аз ин, 75-85 % ин гурӯҳ афрод маълумоти миёнаи нопурра ё пурра доранд. Танҳо 8-10 % ингуна шахсон маълумоти олӣ ё миёнаи касбӣ доранд. Онҳо асосан сокинони деҳот ва шаҳр мебошанд, ки шуғли доимӣ надоранд.

Муаллиф минбаъд қайд менамояд, ки таҳлили раванди ташаккули шахсияти экстремист нишон медиҳад, ки беш аз 77 % навҷавонон дар кӯдакӣ зулми оилавӣ ё бе нигоҳубини волидайнро аз сар нагузаронидаанд. Аммо, дар синни хурдсолӣ (18-23), вақте ки ҷавонон ҷаҳонбинии дунявӣ, тафаккури сиёсӣ, асосҳои ахлоқиву ватандӯстӣ ва таҳсилоти касбиро ташаккул медиҳанд, ин гурӯҳ, аз сабаби вазъи душвори иҷтимоию иқтисодии оилаҳои худ, ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа мераванд.

Дар ин ҷода, муаллиф хеле оқилона қайд мекунад, ки аз сабаби надоштани касбияти баланд, надонистани забони русӣ ва ноошноӣ бо фарҳанг ва расму оинҳои мардуми кишвари қабулкунандаи муҳоҷирон, ин гурӯҳи шаҳрвандон дар ҳамгироӣ бо ҷомеаи Русия душворӣ мекашанд. Аниқтараш, онҳо дар танҳоӣ инкишоф меёбанд ва аксар вақт ба доми ҷинояткорон ва навҷавонони мутаассиби динӣ, инчунин бархе аз кормандони пулиси бевиҷдон ва ҷавонони дорои ҷаҳонбинии ҷиноятӣ дар кишвари мизбон меафтанд. Дар натиҷа, моилгарон аз ин вазъияти душвори муҳоҷирони нодон барои мақсадҳои харобиовари худ моҳирона истифода мебаранд.

Таҳлили манбаъҳои илмӣ ва маълумоти эмпирикӣ дар мавзуи мавриди омӯзиш ба унвонҷӯ имкон медиҳад, ки тафсири худро дар бораи типология ва хусусиятҳои хосси шахсияти экстремистҳое, ки ҷиноятҳои экстремистӣ-террористӣ содир мекунанд, таҳия кунад.

Ба андешаи муаллиф, шахсияти экстремист дорои маҷмуи хусусиятҳои муттаҳидшудаи зиддиҷамъиятӣ мебошад, ки тавассути муоширати сершумор ва систематикӣ бо афроде, ки идеология ва амалияҳои экстремистиро таблиғ мекунанд, ташаккул ёфтаанд ва ин, дар навбати худ, шахсро ба субъекти фаъолияти экстремистии зиддиҷамъиятӣ табдил медиҳад. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки типологияи шахсияти экстремист бо истифода аз равиши омехта таҳия карда шавад, зеро он хусусиятҳои муайяни дигар намудҳои ҷиноятҳо, ба монанди терроризмро низ фаро мегирад. Бар асоси ангезаи содир кардани ҷиноятҳои экстремистӣ, 83,2 % парвандаҳо дар Тоҷикистон бо ангезаҳои динӣ-сиёсӣ содир мешаванд ва танҳо 16,8 % онҳо ангезаҳои дигари экстремистӣ доранд. Ин маънои онро надорад, ки ангезаҳои динӣ холис аз дигар ангезаҳои экстремистӣ баромад менамоянд, аммо нақши бартаридоштаи онҳо раднопазир аст.

Механизми иҷтимоию равонии рафтори экстремистии инфиродӣ ва шароитҳое, ки ба инкишофи хислатҳои манфии ахлоқӣ ва равонӣ дар одамон таъсир мерасонанд, аз сабабҳои субъективии рафтори экстремистӣ, инчунин шароити берунаи объективӣ, ки ба содир шудани ҷинояти мушаххаси экстремистӣ мусоидат мекунанд, иборатанд.

Унсурҳои механизми равонии рафтори экстремистӣ хусусиятҳои ахлоқии шахсе мебошанд, ки муҳити онҳо мустақиман бо ин кирдор алоқаманд аст – ниёзҳо, манфиатҳо, ангезаҳо ва ҳадафҳо. Марҳилаҳои фаъолияти механизми рафтори экстремистӣ инҳоянд: инкишофи хислатҳои экстремистии манфии «ахлоқӣ», амалӣ кардани онҳо, қабули қарор ва татбиқи он.

Бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоии шахсияти экстремист, ки хавфи ҷвмъиятӣ ва ангезаҳои онҳоро дар бар мегиранд, намудҳои чунин шахсонро метавон шартан ба гурӯҳҳои зерин тасниф кард: 1) намуди экстремистӣ аз ҷиҳати касбӣ устувор; 2) намуди тамоюли худнамоишидошта; 3) намуди шахсияти экстремистӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ ноустувор (тасодуфӣ).

**Дар боби чоруми диссертатсия «Хусусиятҳои хосси чораҳои криминологии муқовимат ба экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, асосҳои консептуалии пешгирии умумиичтимоии экстремизм, хусусиятҳои хосси чораҳои махсус-криминологии муқовимат ба экстремизм аз ҷониби МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла огоҳонии виктимологии қурбониёни экстремизм – занону кӯдакони ноболиғ ва такмили чораҳои барқарорсозии онҳо дар Тоҷикистон таҳлил карда мешаванд.

*Дар зербанди аввали боби чорум – «Асосҳои консептуалии огоҳонии умумиичтимоии экстремизм»* қайд карда мешавад, ки мувофиқи мазмуни ҳуҷҷатҳои консептуалии дорои хусусияти байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ вобаста ба муқовимат ба экстремизм, самтҳои асосии бартараф кардани сабаб ва шароитҳои умуми иҷтимоии пайдоиши экстремизм мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таълимӣ, динӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, муҳоҷират, ислоҳӣ-меҳнатӣ ва дигар мушкилоти ҷомеаи муосир эътироф гардидаанд, ки бо дарназардошти воқеиятҳои муосир равиши нави вокунишро дар сатҳи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ тақозо менамоянд.

Асоснок карда мешавад, ки «пешгирии умумиичтимоии экстремизм ҳамчун як раванди мураккаб ва бисёрҷанба дорои аломатҳои муайяни устуворӣ [84, с. 51] ба «ошкор ва бартараф кардани сабаб ва шароитҳои берунаи объективӣ, ки ба содир шудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мусоидат мекунанд» нигаронида шудааст [27, с. 99].

Вобаста ба татбиқи самараноки чунин ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва консептуалӣ тавассути бо таври дақиқ муайян кардани салоҳият ва вазифаҳои ҳар як мақомот ва ба роҳ мондани ҳамкории мутаносиб бо субъектҳои гуногуни огоҳонӣ оид ба ҳадафҳои пешакӣ муайяншуда дар сатҳи амудӣ ва уфуқӣ назарҳои арзишманд пешниҳод мегарданд.

Дар ин банд мазмун ва моҳияти ҳуҷҷатҳои консептуалӣ ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф карда мешавад, ки заминаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, идеологӣ ва иҷтимоию сиёсиро барои ташкили мақсаднок ва муназзами огоҳонӣ ва пешгирии экстремизм фароҳам меоранд [8; 9; 10; 11, 12; 15].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳё ва ҷовидон гардонидани номи неки мутафаккирони барҷастаи тоҷик, ки саҳми назаррас дар тарбияи ватандӯстӣ ва эҳтиром зоҳир кардан ба меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқӣ гузоштаанд, таваҷҷуҳи махсус матраҳ менамояд. Дар замони истиқлолият, корҳои назаррас барои тақвияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи ватандӯстӣ ва ғанӣ гардонидани маънавиёти мардум анҷом дода шудаанд.

Новобаста ба ин, ба андешаи муаллиф, афзоиши бемайлони раванди ҳаҷравии шаҳрвандон бо дағалона вайрон кардани талаботи асосҳои дини ислом, бо тафаккури куҳнашудаи динии як қисми аҳолӣ алоқаманд аст, ки корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни табақаҳои васеи аҳолӣ дар сатҳи баланди иттилоотӣ – таблиғотӣ тақозо менамояд.

Аз нигоҳи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти зиёди стратегиро зина ба зина ҳал карда, барои аз байн бурдани сабаб ва шароитҳои умумииҷтимоӣ ва иқтисодии ҷинояткорӣ, бахусус, ҷинояткории экстремистӣ чораҳои муассир андешида истодааст.

Асоснок карда мешавад, ки таблиғоти иттилоотӣ-идеологии зидди идеологияи экстремистӣ чораҳои муассири

ташкилӣ, ҳуқуқӣ, техникӣ ва идеологиро дар фазои иттилоотии минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла дар шабакаи Интернет, тақозо менамояд.

Дар хулосаи банди мазкур, зикр мегардад, ки сабаб ва шароитҳое, ки ба пайдоиши экстремизм дар байни муҳоҷирон мусоидат мекунанд, ҷорӣ кардани курси махсус оид ба муқовимат ба экстремизмро дар муассисаҳои таълимӣ дар ҳама зинаҳои таълим, инчунин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, таҳаммулпазирии динӣ ва камолоти сиёсиро дар байни хонандагон ва донишҷӯён, ки бисёре аз онҳо метавонанд дар ояндаи наздик муҳоҷирони меҳнатии эҳтимолӣ шаванд, талаб мекунад.

*Дар зербанди дуюми боби чорум – «Пешгирии махсус-криминологӣ ва инфиродӣ аз ҷониби мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»* назарияҳои илмии пойбарҷо вобаста ба моҳияти чораҳои махсуси криминологӣ ва чораҳои амалии муҳимми мақомоти махсусваколатдоркардашудаи давлатӣ дар ин самт инъикос ёфтаанд.

Зери мафҳуми «чораҳои махсуси криминологии муқовимат ба экстремизм» фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқр фаҳмида мешавад, ки барои бартараф кардан, кам кардан ва безарар гардонидани омилҳои криминогенӣ, ки ба пайдоиш ва пешгирии экстремизм ва терроризм таъсир мерасонанд, равона карда шуда, салоҳияти онҳо ба пешгирии ҷинояткорӣ алоқаманд мебошад,

Хусусияти махсуси чораҳои махсуси криминологӣ дар пешгирии экстремизм ва терроризм дар робитаи зичи онҳо бо чораҳои умумиҷтимоии пешгирӣ (иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ-маънавӣ) мебошад.

Нуқтаи назари муаллиф оид ба мувazzаф будани МКД дар ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар вазорату идораҳои шаҳрвандӣ дар самти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғону ҷавонон асоснок карда мешавад.

Қайд карда мешавад, ки тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ, инчунин стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳо, қонунҳо, фармонҳо, дастурамалҳо ва низомномаҳо фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ пешгирии ҳама гуна зуҳуроти экстремистӣ ба танзим дароварда мешавад. Масалан, дар раванди амалӣ гардонидани чорабиниҳои оперативӣ-профилактии давлатҳо – аъзоёни ИДМ бо номи рамзии «Ҷустуҷӯ», соли 2022 – 2253 ҷиноят ошкор ва 7677 ҷустуҷӯшавандагон боздошт карда шуданд [33].

Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ чораҳои оперативӣ-профилактикӣ, аз қабили «Тартибот», «Ҷустуҷӯ», «Оворагард», «Ҳосил», «Хона ба хона» ва ғайра гузаронида мешаванд, ки ҳар кадоме дорои хусусиятҳои хос ва мутаносибан тактикаи худ мебошанд [39, с. 513].

Дар байни субъектони махсуси огоҳонии ҷиноятҳорӣ, МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим доранд, зеро мувофиқи м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», «огоҳонӣ, пешгирии ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо» яке аз самтҳои асосии фаъолияти милитсия эътироф шудааст [4].

Зикр карда мешавад, ки равиши муштарак ва ҳамоҳангшудаи ҳамаи воҳидҳои МКД имкон додааст, ки беш аз 70 % тамоми ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ-террористӣ дар солҳои 2014-2024 содир шуда, аз ҷониби милитсия ошкор карда шаванд. Дар ин давра, талошҳои муштараки мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ боис гардид, ки беш аз 4000 донишҷӯе, ки ғайрирасмӣ дар муассисаҳои динии хориҷӣ (Арабистони Саудӣ, Миср, Малайзия, Туркия, Эрон, Покистон, Афғонистон ва ғайра) таҳсил мекарданд, инчунин 1850 узви ташкилоти экстремистӣ-террористӣ, аз ҷумла занон ва фарзандони онҳо (381 нафари онҳо занон ва кӯдакон буданд), ба ватан баргардонида шаванд.

Самти дигари муҳимми огоҳонии махсус-криминологии экстремизм ин таъсиррасонии касбӣ ба мафкураи экстремистии маҳкумшудагони муассисаҳоиислоҳии ҷумҳурӣ

мебошад. Дар ҳақиқат, тамоюли доимии ҷалби маҳбусон аз ҷониби идеологҳои ашаддии ташкилоти экстремистӣ-террористӣ дар саросари ҷаҳон мушоҳида мешавад. Аммо, дар муассисаҳои ислоҳии ҷумҳурӣ, аз сабаби набудани воизони касбӣ-идеологҳои динии расмӣ ва дар аксари мавридҳо, якҷоя зиндонӣ шудани экстремистҳо бо дигар категорияҳои ҷинояткорон, ислоҳи ин камбудӣ, диди нав ва чораандешии муассирро дар ин самт тақозо менамояд.

*Дар зербанди сеюми боби чорум – «Огоҳонии виктимологии қурбониёни экстремизм – занону кудакони ноболиғон ва мукаммалсозии чораҳои барқарорсозии онҳо»,* зикр карда мешавад, ки огоҳонии виктимиологӣ таваҷҷуҳи доимии ҷомеаро ба муайян ва бартараф кардани сабаб ва шароитҳои аслие, ки боиси пайдоиши қурбониёни экстремизм ва терроризм мегарданд, тақозо менамояд.

Тибқи талаботи «Барномаи барқарорсозӣ ва ба ҳаёти осоишта баргардонидани шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028», ки 1-уми июни соли 2024, таҳти №339 тасдиқ шудааст, ҳамчун объектҳои пешгирии инфиродӣ ва профилактикаи виктимиологӣ шахсони зерин эътироф шудаанд:

– шахсоне, ки дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар дигар кишварҳо иштирок карда, ихтиёран аз иштироки минбаъда дар ин низоъҳо даст кашидаанд ва ба ватан баргаштаанд;

– аъзои оилаи шахсоне, ки гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ доранд ва қурбонии амалҳои ғайриқонунии волидайн ва хешовандони наздики худ шуда, аз минтақаҳои ҷангӣ ба ватан баргаштаанд;

– шахсоне, ки аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ бо татбиқи эзоҳҳои моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудаанд.

– шахсоне, ки аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои иштирок дар фаъолияти ташкилоти экстремистӣ бе адои ҷазои ҷиноятӣ, ки

бинобар татбиқи санади авф озод карда шудаанд ва ё парвандаҳои ҷиноятӣ ва маводи тафтишотии онҳо қатъ ё рад карда шудаанд;

– шахсоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ маҳкум шудаанд ва аз муассисаҳои ислоҳӣ бинобар ба охир расидани муҳлати ҷазо озод карда шудаанд ё афв карда шудаанд;

– шахсоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ва экстремистӣ маҳкум шудаанд ва пас аз адои ҷазо дар муассисаҳои ислоҳии дигар кишварҳо ба ватан баргаштаанд;

– шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ноболиғон, ки пас аз гирифтани таҳсилоти ғайриқонунии динӣ дар хориҷа ба ватан баргардонида шудаанд.

Тавре ки қаблан таъкид шуда буд, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, вазорату идораҳои шаҳрвандӣ, муассисаҳои таълимӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва динӣ ва шаҳрвандони алоҳида ҳамчун субъектҳои огоҳонии инфиродӣ, аз ҷумла пешгирии виктимологӣ эътироф карда мешаванд.

Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукаммалгардонии фаъолияти нозирони минтақавии милитсия» чораҳои муайяни огоҳонии виктимологиро муқаррар мекунад, ки нозирони минтақавии милитсия бояд дар фаъолияти худ амалӣ созанд [14]. Аммо, бояд тазаккур дод, ки чораҳои виктимологии пешгирии ҷиноятҳо дар амалия аз ҷониби онҳо кам истифода мешаванд, ки ин аз камбудии кори роҳбароне, ки масъули ташкил ва амалисозии фаъолияти нозирони минтақавии милитсия мебошанд, шаҳодат медиҳад.

Пурсидашудагон воҳидҳои оперативии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун воҳидҳои муассири дуюм дар татбиқи огоҳонии виктимологӣ номиданд, зеро кормандони чунин воҳидҳо дар рафти фаъолияти худ метавонанд чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии мубориза ба ҷинояткориро бо чораҳои виктимиологӣ муттаҳид созанд, яъне ҷустуҷӯи

самаранок ва муайян кардани ҷинояткор бо истифода аз дониши худ дар бораи шахсияти қурбонӣ.

Муаллиф асосҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар муқовимат ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва савдои одамон мавриди таҳлил қарор дода, ба хулосае меояд, ки занон ва кӯдакони аъзои ташкилоти экстремистӣ-террористӣ, ки таҳти таъсири равонӣ ва идеологии экстремистон маҷбуран ё аз бесаводӣ ба минтақаҳои задухӯрдҳои мусаллаҳона интиқол ёфта, ҳадафи зӯроварии ҷинсӣ ва меҳнатӣ қарор гирифтаанд, бояд дар сатҳи қонунгузорӣ ҳамчун қурбониёни савдои одамон эътироф карда шаванд. Зеро тибқи м. 1 Конвенсияи иловагӣ дар бораи барҳам додани ғуломдорӣ, савдои ғуломон ва ниҳодҳо ва одатҳои монанд ба ғуломдорӣ, «вақте ки зан пас аз марги шавҳар ё кӯдаки хурдсол аз ҷониби волидон ё парастораш ба шахси дигар, хоҳ ҳамчун мукофот, хоҳ барои истисмори ҷинсӣ ё меҳнатӣ дода мешавад», ин як шакли ғуломӣ маҳсуб меёбад. Мувофиқан, ҳамаи давлатҳо бояд чораҳои дахлдорро барои пешгирии чунин амалҳо андешанд.

Ба гуфтаи муҳаққиқ, ин равиш асоснок аст, зеро ҳангоми тасниф кардани шакл ва намудҳои истисмори ҷиноятии инсон, дар баробари намудҳои маъмули истисмор ба монанди «ҷинсӣ», «меҳнатӣ» ва ғайра, инчунин ба истисмор дар фаъолияти экстремистӣ-террористӣ дар минтақаҳои ҷангӣ ва дар низоъҳои низомӣ таъкид карда мешавад [83, с. 206].

Дар сатҳи байналмилалӣ стратегияи муқовимат ба ҷалби занон ва кӯдакон барои истифода дар низоъҳои мусаллаҳона таҳия шудааст. Барои пешгирии ин раванд, методологияи омода кардани тавсияҳои таълимӣ аз ҷониби созмони бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО пешниҳод шудааст, ки барои кишварҳои узви СММ дастури муфид ҳисобида мешавад. Яке аз самтҳои стратегии мубориза ба экстремизм ва терроризм дар сатҳи байналмилалӣ соҳаи маориф эътироф мешавад, ки таҳия намудани васоити таълимии аз ҷиҳати илмӣ ва методологӣ мукаммалро барои донишҷӯёни донишгоҳҳо,

коллеҷҳо ва техникумҳо, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таблиғоти касбии зиддиэкстремистӣ-террористӣ дар ВАО ва Интернет тақозо менамояд.

**Дар боби панҷуми рисола – «Мукаммалсозии асосҳои консептуалӣ ва қонунгузории муқовимат ба экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, мавқеи муаллиф вобаста ба асосҳои консептуалии мукаммалсозии қонунгузории зиддиэкстремистӣ вобаста ба расонидани таъсири системавӣ ба сабаб ва шароитҳои бунёдии пайдоиши экстремизм, аз ҷониби вазорату идораҳои «шаҳрвандӣ» ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо таври фаррохтар таҷассум ёфтааст.

*Дар зербанди якуми боби панҷум – «Консепсияи мукаммалгардонии асосҳои ҳуқуқии огоҳонии умумииҷтимоии экстремизм»,* зикр карда мешавад, ки бинобар набудани равиши системавӣ ва сохторҳои нокомили ташкилӣ-функсионалии вазорату идораҳои «шаҳрвандӣ», институтҳои илмӣ ва таълимӣ, ки дар муқовимат ба экстремизм иштирок мекунанд, вазни асосии ин самти муқовимат ба дӯши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ меафтад. Аммо, азбаски самтҳои асосии бартараф кардани сабаб ва шароитҳои умумиичтимоии пайдоиши экстремизм, мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таълимӣ, динӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, муҳоҷират, корҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ва дигар проблемаҳои ҷомеаи муосир мебошанд, ин самтҳо мутаносибан ба ҳамоҳангӣ ва ҳамкорӣ дар сатҳи баландтари ташкилӣ ниёз доранд, ки такмили заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои сершумори «шаҳрвандӣ»-ро дар муқовимат ба экстремизм тақозо менамояд.

Муаллиф изҳор медорад, ки пешгирии умумиичтимоии экстремизми динӣ-сиёсӣ на танҳо тавассути сохторҳои мутамарказонидашудаи давлатӣ (ба монанди прокуратура, милитсия ва мақомоти амнияти миллӣ), балки тавассути фаъолияти вазорату идораҳои сершумори шаҳрвандӣ, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳсуб намеёбанд, амалӣ карда мешавад. Фаъолияти онҳо, ки мустақиман ба мақомоти ҳифзи

ҳуқуқ тобеъ нестанд, бар асоси «ҳамоҳангсозии бисёрсатҳа», ки аз ҷониби иштирокчиёни баробарҳуқуқи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад, сурат мегирад.

Асоснок карда мешавад, ки нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар низоми давлатии ҳуқуқии ҷомеаи муосир ва имконияти иштироки онҳо дар татбиқи вазифаҳои ҳифзи ҳуқуқи давлат, ҳамчун як ниҳоди мустақили ҷомеа дар доираи ҳамкорӣ ва баробарҳуқуқӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун зинаи пасттарин, вале муҳимтарини ҳокимияти давлатӣ (ҷомеаи шаҳрвандӣ) хеле бузург мебошад. Таҳлили қонунгузории зиддиэкстремистӣ, ки ба муқовимат бо идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ нигаронида шудааст, нишон медиҳад, ки ин самт дар сиёсати давлатӣ афзалиятнок эътироф гардида, зиёда аз 40 вазорату идораҳои шаҳрвандӣ ҷалб гардидаанд. Аммо, фаъолияти онҳо дар ин самти стратегӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест ва ҳамоҳангиро дар сатҳи баланди ташкилӣ тақозо менамояд. Вазифа ва функсияҳои вазорату идораҳои дахлдор дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бахусус дар санадҳои дохилиидоравӣ, вобаста ба огоҳонии аҳолӣ аз хатар ва оқибатҳои идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ, ба таври возеҳ муайян нашудаанд. Сохторҳои дохилӣ ва байниидоравӣ барои ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои онҳо дар ин самт таъсис дода нашудаанд, ки дар ниҳоят метавонад боиси коҳиши самаранокии муқовимат ба экстремизм гардад.

Ба андешаи муаллиф, ҳалли мушкилоти муқовимат бо идеологияи экстремистӣ дар сатҳи умумииҷтимоӣ ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи субъектҳои дар муқовимат ба экстремизм иштироккунандаро дар се самти ба ҳам алоқаманд тақозо мекунад: илмӣ-методологӣ, таълимӣ-педагогӣ ва иттилоотӣ-таблиғотӣ.

Барои ҳалли масъалаҳои илмӣ, ахлоқӣ-маънавӣ, таълимӣ, кадрӣ, иттилоотӣ-таблиғотӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии дар боло

зикршуда, ки сабабҳои аслии хусусияти умумиичтимоидоштаи экстремизмро ташкил медиҳанд, пешниҳод карда мешавад, ки системаи сезинагии ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳидсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ таҳти «чатри» ягонаи давлатӣ таъсис дода шавад. Чунин тобиш таъсис додани Комиссияи зиддитеррористии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақозо менамояд.

*Дар зербанди дуюми боби панҷум – «Консепсияи мукаммалгардонии ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар муқовимат ба экстремизм»,* ба масоили мубрам вобаста ба таъиноти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун субъектҳои махсуси муқовимат ба экстремизм ва муайян кардани нақши ҳар яки онҳо дар асоси мақом, таъиноти давлатӣ, кадрӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ ва илмии онҳо тамаркуз карда мешавад.

Сарфи назар аз он, ки ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ функсияҳои ҳифзи ҳуқуқиро дар пешгирӣ, ошкор, тафтиш ва рафъ кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар доираи салоҳияти худ амалӣ месозанд, муаллиф бар он ақида аст, ки бинобар зуҳуроти бисёрҷониба ва мураккаб будани экстремизми муосир ва бо дарназардошти принсипи таъиноти махсуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, фаъолияти ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба равиши нав ва фаррохтарро тақозо менамояд.

Ба андешаи муаллиф, афзоиши шумораи ҷиноятҳои марбут ба экстремизм ва терроризм, паҳншавии бесобиқаи ғояҳои экстремистӣ дар фазои иттилоотӣ, шиддат гирифтани мунокишаҳои динӣ ва задухӯрдҳои низомӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, инчунин талаботи ҳуҷҷатҳои стратегӣ, ҳамоҳангсозии қавитар ва талошҳои ҳамаҷонибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҳам дар сатҳи тобеъияти худ ва ҳам дар байни ниҳодҳои гуногуни давлатӣ тақозо мекунад. Аммо, бо дарназардошти ҳаҷми зиёди корҳое, ки ба дӯши мақомоти давлатӣ дар доираи ваколатҳои онҳо вогузор шудааст, мақомоти прокуратура ва амнияти миллӣ захираҳои кофӣ

барои ҳамоҳангсозии пурраи фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатиро надоранд.

Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад будани тақсимоти кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар мақомоти давлатӣ дар муқовимат ба экстремизм дар се самти калидӣ асоснок карда шудааст: а) дар соҳаи ФОҶ, муайян кардани мақоми мақомоти амнияти миллӣ ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсоз, зеро субъектҳои сершуморе, ки дар доираи салоҳияти худ бо ҷинояткорӣ мубориза мебаранд, метавонанд ба ин ниҳодҳо маълумоти дахлдори оперативиро вобаста ба фаъолияти разведкавӣ ва зиддиразведкавии алоқаманд ба фаъолияти экстремистӣ-террористӣ пешниҳод кунанд; б) мақомоти корҳои дохилӣ бояд дар сатҳи қонунгузорӣ ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсоз барои ҳамаи мақомоти давлатӣ, ки дар пешгирӣ ва огоҳсозии экстремизм иштирок мекунанд, муқаррар карда шаванд, зеро ба ин ниҳод функсияи огоҳонии ҷинояткорӣ ҳамчун самти афзалиятноки фаъолият вогузор шудааст; в) прокуратура дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи конститутсионии худ фаъолияти ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқро, аз ҷумла дар соҳаи ташкили тафтишоти муштараки ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ-террористӣ, ки бо иштироки мақомоти сершумори давлатӣ алоқамананд, ҳамоҳанг месозад.

Ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсоз дар соҳаи огоҳонии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, МКД бояд ҳамчун пайвандгари асосӣ байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ баромад намояд. Таҳлил ва натиҷагирӣ кардани омори ҷиноятиву маъмурӣ, мутаносибан таҳлил кардани сабаб ва шароитҳои пайдоиши экстремизм аз ҷониби мақомоти милитсия имконият фароҳам меорад, ки ин ниҳод фаъолияти вазорату идораҳои сершумори «шаҳрвандӣ»-ро дар доираи салоҳияти ҳуқуқии онҳо дар корҳои огоҳонӣ ва пешгирии экстремизм ҳамоҳанг созад.

*Дар зербанди сеюми боби панҷум – «Мукаммалгардонии асосҳои консептуалӣ ва қонунгузории муқовимат ба экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,* бар асоси фарзияҳои пешниҳодшуда оид ба беҳтар кардани асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии кори вазорату идораҳои «шаҳрвандӣ», муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти огоҳонӣ ва пешгирии фаъолияти экстремистӣ, муаллиф тавсияҳои амалиеро таҳия мекунад, ки метавонанд ҳамчун замина барои рушди ҳамкории минбаъда байни сохторҳои гуногуни давлатӣ ва ғайридавлатӣ вобаста ба фаъолиятҳои системавӣ ва мақсаднок дар доираи салоҳиятҳои онҳо дар сатҳу сифати баландтар ва муташаккилтар анҷом дода шаванд, хизмат кунанд.

Барои ҳалли сабабҳои аслии ин мушкилот, муаллиф тағйирот ва иловаҳоро ба баъзе соҳаҳои қонунгузории зиддиэкстремистии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи қатъномаҳои Шурои амнияти СММ № 2249 (с. 2015), № 2368 (с. 2017) [16] ва ғайра пешниҳод мекунад.

Дар банди мазкур асоснок карда мешавад, ки мебояд Комиссияи давлатӣ ва сохтори махсуси идоравӣ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатӣ, ки оид ба тарғибу ташвиқи мавқеи давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизми динӣ-сиёсӣ салоҳиятдоранд дар назди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шавад, зеро паҳн кардани маводҳои зиддиэкстремистӣ ё баромадҳои оммавии олимон, рӯзноманигорон, зиёиён ва ғайра дар ВАО ва Интернет бояд мавқеи мақомоти расмӣ ва ҷомеаи байналмилалиро дар заминаи манфиатҳои миллӣ ва диниву мазҳабии мардуми Тоҷикистон ба таври возеҳ инъикос кунанд. Ин равиш, инчунин аз мазмуни б. 5 м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг» бармеояд, ки дар он гуфта мешавад, ки «арзишҳои маънавӣ ва объектҳои моддии дорои аҳаммияти миллӣ, таърихӣ, бостоншиносӣ, илмӣ ва таълимӣ, бадеӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ ва

фарҳангӣ ҳамчун арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ эътироф карда мешаванд» [6]. Азбаски идеологияи экстремистӣ-террористӣ маҳз ба паст задан ва таҳқир кардани чунин арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ нигаронида шудааст, чунин тобиши қонунгузор комилан асоснок аст. Мувофиқи б. 2 м. 4 Қонуни мазкур, давлат ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи мақомоти манфиатдори давлатӣ ва ғайридавлатиро бо мақсади рушди соҳаи фарҳанг ва ҳувияти мардуми худ таъмин менамояд.

Дар робита ба ин, муаллиф пешниҳод мекунад, ки ба м. 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг» ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ваколатҳои зерин илова карда шаванд:

– ҳамоҳангсозии фаъолияти иттилоотӣ ва таблиғотии вазорату идораҳо дар муқовимат ба идеологияи экстремистӣ ва террористӣ дар ВАО ва Интернет;

– ҳуқуқи таъсис додани Комиссия оид ба баррасӣ ва арзёбии мазмун ва сифати бaромадҳо ва маводи иттилоотӣ-таблиғотӣ оид ба муқовимат ба идеологияи экстремистӣ-террористӣ.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот инъикос гардидаанд, ки аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ доранд.

## ХУЛОСА
## Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот

Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии асосҳои консептуалии муқовимат ба экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки консепсияҳо ва тавсияҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалиро пешниҳод намуда, дурнамои такмили қонунгузории зиддиэкстремистӣ ва чораҳои криминологиро дар муқовимат ба экстремизм муайян намоем. Аз ҷумла:

1. Таҳқиқи назариявӣ-методологии таърихи батанзимдароии ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм ба

муаллиф имкон дод, ки на танҳо мазмуни мафҳуми умумиҳуқуқии «экстремизм», балки зуҳуроти динӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллатгароӣ, маҳалӣ ва дигар ҷанбаҳои онро, ки хусусиятҳои асосии мазмуни ҳуқуқии экстремизмро ташкил медиҳанд, муайян кунем. Ин равиш имкон дод, ки шакл ва намудҳои хатарноктари экстремизмро аз нигоҳи таърихӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, динӣ, идеологӣ, иттилоотӣ ва ташкилӣ, инчунин сабабҳои аслии пайдоиши экстремизм ва мутаносибан, равишҳои саривақтӣ барои вокуниши ҳамаҷониба ба онҳо муайян карда шаванд [3-М, 4-М].

2. Экстремизм метавонад бисёр соҳаҳои фаъолияти инсониро (фарҳанг, варзиш, иқтисод ва ғайра) фаро гирад, аммо ақидаҳо ва амалҳои «экстремистӣ» танҳо дар ҳолате ҳамчун унсурҳои кирдори ҷиноятӣ эътироф карда мешаванд, ки онҳо хусусияти системавӣ касб карда, зӯроварии ҷисмонӣ ё равониро дар бар гиранд ва ё вақте ки онҳо бо мақсади паст задани шаъну шарафи гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ дар асоси ангезаҳои маъмул ва хатарноки экстремистӣ бо таври оммавӣ ё пинҳонӣ содир карда шаванд. Набудани хусусияти системавӣ ва возеҳи ақидаҳо ва чораҳои ниҳоии зӯроварӣ хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизмро истисно мекунад ва метавонад хусусияти ҳуқуқӣ-маъмурӣ касб намоянд [33-М].

3. Тақсимоти экстремизми муосир аз рӯйи ангезаҳои динӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллатгароӣ ё маҳалӣ ва дар ҳамин замина коркард намудани таркибҳои ҷиноятҳои мустақил ба талаботи принсипи адолат ва маҳакҳои криминализатсия кардани кирдорҳои хавфноки ҷамъиятӣ ҷавобгӯ нест, зеро ин ангезаҳо ҳамеша бо ҳам печидаанд ва ҳеҷ гоҳ дар шакли «холис» зуҳур намеёбанд. Аз ин рӯ, муайян кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои як кирдор дар якчанд меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ аз нигоҳи асосҳои бунёдии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба криминализатсия ва дифференсиатсияи ҷавобгарии ҷиноятӣ номуносиб аст [18-М].

4. Зуҳуроти экстремизми динӣ (фундаментализм), сиёсӣ (радикализм), ҷудоихоҳӣ ва миллатгароӣ, вақте ки шакли возеҳи истифодаи зӯровариро касб менамояд аз «экстремизми ғайризӯроварона» (табъиз) ба «экстремизми зӯроварона» табдил меёбанд.

5. Сарфи назар аз он, ки мафҳумҳои «фундаментализм» ва «экстремизм» аксар вақт дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ аз ҳамдигар фарқгузорӣ карда мешаванд, ин мафҳумҳо маънои мустақили возеҳ надоранд. Инчунин байни таърифҳои «экстремизм» ва «терроризм» фарқияти возеҳ вуҷуд надорад. Мафҳуми норавшани ҳуқуқии «экстремизм», ки дар қонунгузории миллӣ ва минтақавӣ инъикос ёфтааст, дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқии моил ба сӯиистифода ва мавриди интиқоди асоснок қарор дорад [20-М].

6. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва минтақавӣ, экстремизм ҳамчун дорои шаклҳои зӯроварӣ ва ғайризӯроварӣ тасниф карда мешавад, ки асосан бо чаҳор ангезаҳои асосӣ (динӣ, миллатгароӣ, нажодӣ ва сиёсӣ) ва якчанд ангезаҳои иловагӣ (забонӣ, ҷинсӣ ва ғ.) зуҳур меёбад. Зуҳуроти ғайризӯроварии экстремизм меъёрҳои ҳуқуқиеро дар бар мегиранд, ки дар кодексҳои ҷиноятии давлатҳо – аъзоёни ИДМ мавҷуданд, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрвандонро вобаста ба мансубиятҳои динӣ, миллӣ ва иҷтимоии онҳо таъмин мекунанд, аммо хусусияти системавӣ ё ошкорои зӯроварӣ надоранд. Аз ин рӯ, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ҳифзи ҳуқуқи инсонро дар ин соҳа танзим мекунанд, преюдитсияи маъмурии ибтидоиро талаб мекунанд, то аз табдил ёфтани экстремизми ғайризӯроварона ба экстремизми зӯроварона пешгирӣ карда шавад [19-М].

7. Шакли хатарноктарини экстремизми дорои аломатҳои зӯроварӣ дар хусусияти зиддидавлатии он мебошад, яъне дар даъватҳои мунтазами оммавӣ барои тағйир додани сохти конститутсионӣ, ғасби ҳокимият ё вайрон кардани

тамомияти арзии давлат, пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои ҳамонгуна ҳуқуқвайронкунии дорои хусусияти экстремистӣ дар давоми як сол ифода меёбад. Ба андешаи муаллиф ба ҳайси аломатҳои вазнинкунандаи таркиби мустақили ҷинояти экстремизм ингуна шаклҳои муташаккили фаъолияти экстремистӣ муқаррар карда шаванд: «– содир кардани экстремизм дар ҳайати гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; – аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; – аз ҷониби иттиҳоди (ташкилоти) экстремистӣ ё иттиҳоди ҷиноятии фаромиллӣ» [23-М].

8. Дар Кодекси ҷиноятии намунавии давлатҳо – аъзоёни ИДМ, ангезаи кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ ҳамчун аломати вазнинкунандаи чунин ҷиноятҳо, ба монанди «Одамкушӣ» (б. «м» қ. 2 м. 111); «Расонидани зарари вазнин ба саломатӣ» (б. «м» қ. 2 м. 119); «Расонидани зарари миёна ба саломатӣ» (б. «д» қ. 2 м. 120); «Шиканҷа» (б. «г» қ. 2 м. 126); «Таҳқири ҷасадҳои фавтидагон ва ҷойҳои дафни онҳо» (қ. 2 м. 239); «Қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк аз рӯйи ангезаҳои миллатгароӣ ё нажодпарастӣ ё таассуби динӣ» (б. «г» қ. 2 м. 255) пешбинӣ гардидаанд. Қариб ҳамин гуна ангезаҳои экстремистӣ, ки хусусиятҳои вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятиро нишон медиҳанд, дар як қатор моддаҳои КҶ ҶТ, аз қабили «Одамкушӣ» (б «м» қ. 2 м. 104); «Қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ» (б. «м» қ. 2 м. 110); «Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ» (б. «е» қ. 2 м. 111); «Шиканҷа» (б. «з» қ. 2 м. 117); «Терроризм» (б. «в» қ. 2 м. 179); «Таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо» (б. «б» қ. 2 м. 243); «Генотсид» (қ. 1 м. 398) инъикос ёфтаанд [19-М].

9. Тавсия дода мешавад, ки танҳо он категорияҳои шахсоне, ки мунтазам вебсайтҳои экстремистии диниро тамошо карда, идеология ва амалияи экстремизмро дар шакли ғайрифаъолтар сафед мекунанд, масалан, бо гузоштани «лайкҳо» ё навиштани шарҳҳои мусбӣ ва ё идеологияе, ки бар зидди арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии

намояндагони барҷастаи халқи тоҷику форс равона шудааст, шарҳҳое, ки шаъну шарафи асосгузорони мазҳаби динии ҳанафӣ, адабиёти тоҷику форс, қаҳрамонони миллии халқи тоҷикро паст мезананд, фарҳанги миллиро рад мекунанд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шаванд [21-М].

10. Аз сабаби он, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар фасл ва бобҳои гуногуни КҶ ҶТ ҷойгиранд, муаллиф бар он андеша аст, ки чунин ҷиноятҳо ҳамзамон ба якчанд объектҳо (асосӣ, иловагӣ ва факултативӣ) таҷовуз менамоянд. Объекти асосӣ он муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки аз ҷониби қонун дар бобҳои дахлдори КҶ ҶТ ҳифз карда мешаванд. Аз сабаби он, ки ангезаҳои динӣ, миллатгароӣ, сиёсӣ, нажодӣ ва маҳаллии экстремизм ҳамчун хусусияти асосӣ ва системавии мафҳуми умуми ҳуқуқии экстремизм баромад менамоянд, ки дар диспозитсияҳо, қисмҳо ва бандҳои дахлдори моддаҳои сершумори КҶ ҶТ ҳамчун аломатҳои асосӣ ва ё вазнинкунандаи кирдори ҷиноятӣ инъикос ёфтаанд, бисёробъект будани экстремизмро собит месозанд. Аз ҷумла, ҷиноятҳои мазкур ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон; ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон; амнияти ҷамъиятӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ ва ғайра равона мебошанд [23-М].

11. Дар асоси пурсишҳои сотсиологӣ, омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва адабиёти илмӣ муайян карда мешавад, ки тарафи объективии м.м. 189, 307, 307(1), 307(2), 307(3), 307(4) КҶ ҶТ дар барангехтани кинаву адоват бо таври оммавӣ ё пинҳонӣ бо истифода аз воситаҳои ахбори омма, технологияҳои телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла Интернет, ки бо мақсадҳои экстремистӣ анҷом дода мешаванд.

12. Муаллиф ба хулоса меояд, ки м.м. 307(2), 307(3), 307(4) КҶ ҶТ идомаи мантиқии м.м. 189, 307, 307(1) КҶ ҶТ мебошанд, ки шаклҳои муташаккилтарини онҳоро ифода мекунанд. Дар рисола мазмуни баҳсҳои илмӣ, камбудиҳо

дар қонунгузорӣ ва амалияи номутаносиби ҳуқуқӣ, ки дар атрофи ҷиноятҳои дар боло зикршуда ба миён меоянд, ошкор карда мешавад, ки ин аз набудани меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда дар бораи марзҳо ва мазмуни истилоҳоти ҳуқуқии «фаъолияти экстремистӣ», «иттиҳодияи экстремистӣ», «ташкилоти экстремистӣ», «ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» ва ғайра вобаста мебошад. Аммо, дар лоиҳаи нави КҶ ҶТ тағйироти муайяне дар робита ба муттаҳид кардани м.м. 307, 307(1) КҶ ҶТ ва м.м. 307(2), 307(3), 307(4) КҶ ҶТ мушоҳида мешавад [23-М].

13. Мушкилоти қонунгузорӣ вобаста ба мустақар сохтани аломатҳои экстремизм инчунин дар он мебошад, ки м.м. 307 ва 307(1) КҶ ҶТ яке аз шаклҳои хатарноктарини экстремизм маҳсуб меёбанд, ки аломатҳои зеринро дар бар мегиранд: – «даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ё ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ё нигоҳ доштани он ё вайрон кардани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Дар ҳоле ки м. 307 КҶ ҶТ унсурҳои дар боло зикршудаи ҷиноятро ба таври мушаххас муайян мекунад, м. 307(1) КҶ ҶТ унсурҳои шабеҳро ва дигар зуҳуроти экстремистиро дар шакли умумитар, ба монанди даъватҳои оммавӣ барои анҷом додани фаъолияти экстремистӣ ва ё сафедкунии оммавии экстремизм фарогир мебошад. Аммо, мувофиқи талаботи қ. 1 м. 11(1) КҶ ҶТ «агар меъёри қонуни ҷиноятӣ норавшан ва ё дуҳӯра ифода ёфта бошад, пас меъёр бояд ба манфиати айбдоршаванда (судшаванда) амалӣ (тафсир) карда шавад» [23-М].

14. Айни замон равиши норавшан ва номутаносиб дар сатҳи қонунгузорӣ вобаста ба квалификатсияи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, аз ҷумла, бо м. 189 КҶ ҶТ, ки дорои преюдитсияи маъмурӣ аст, мушоҳида мешавад. То имрӯз зиёда аз 500 нафар тибқи м. 462(1) КҲМ ҶТ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд. Аммо, таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ ва амалияи маъмурӣ нишон медиҳад, ки

75,7 % ингуна ҳуқуқвайронкуниҳо хусусияти экстремистии динӣ-сиёсӣ доранд. Зеро 29 ташкилоти экстремистӣ-террористии фаъолияташон дар ҳудуди ҷумҳурӣ манъшуда, 26 ташкилот асосан ғояҳои экстремистии динӣ-сиёсиро барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва таъсис додани «Хилофати исломӣ» тарғибу ташвиқ менамоянд. Мувофиқан, кирдорҳои маъмурии дорои хусусияти экстремистӣ дар аксари мавридҳо низ ангезаҳои монанд доранд. Аммо, диспозитсияи м. 189 КҶ ҶТ хусусияти зӯроварии экстремизми муосирро ба таври возеҳ танзим намекунад. Муқаррароти норавшан ва баъзан номутаносиби м.м. 189, 307, 307(1), 307(2) ва 307(3) КҶ ҶТ талаботи принсипи адолатро, ки дар м. 8 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, дағалона вайрон мекунанд, ки дар он зикр мегардад: «ҷазо ва дигар чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятие, ки нисбат ба шахси ҷиноят содиркарда татбиқ мешаванд, бояд одилона бошанд, яъне ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии кирдори содиршуда, шароити содиршавии он ва шахсияти гунаҳкор мувофиқ бошанд». Дар қ. 2 ин модда зикр мегардад, ки «ҳеҷ кас наметавонад барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад».

15. Яке аз масъалаҳои мураккабе, ки ҳангоми квалификатсияи м. 307(1) КҶ ҶТ «даъватҳои оммавӣ барои фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм» ба миён меояд, муайян кардани ҳудуди мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ» мебошад, ки бо преюдитсияи маъмурии м. 189 КҶ ҶТ ва мутаносибан бо ҳуқуқвайронкунии маъмурии дорои хусусияти экстремистии м. 462(1) КҲМ ҶТ алоқаманд аст [23-М].

16. Таҳлили сохтори ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ (м.м. 188, 189, 307, 307(1), 307(2), 307(3), 307(4) КҶ ҶТ собит месозад, ки дар тӯли 10 соли охир ягон ҷиноят тибқи м.м. 188 КҶ ҶТ ё дигар моддаҳои КҶ ҶТ (104, 110, 237 ва ғайра), ки қисмҳои вазнинкунандаи онҳо ангезаҳои экстремистиро ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунанда

пешбинӣ мекунанд, ба қайд гирифта нашудааст. Аз сабаби мураккабии мазмуни м.м. 189, 307, 307(1), 307(2), 307(3), 307(4) КҶ ҶТ ва рақобати номутаносиби онҳо, дар баъзе мавридҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ як кирдорро бо якчанд моддаҳо, бе асосҳои кофӣ банду баст кардаанд [24-М, 25-М, 70-М, 62-М].

17. Агар ба динамикаи умумии ҷиноятҳои экстремистӣ дар тӯли 10 соли охир назар андозем (с. 2014 – 175; с. 2015 – 463; с. 2016 – 891; с. 2017 – 916; с. 2018 – 631; с. 2019 – 772; с. 2020 – 917; с. 2021 – 937; с. 2022 – 1041; с. 2023 – 1266; с. 2024 – 1475) мебинем, ки қисми зиёди ин ҷиноятҳоро м. 307(3) (Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ) КҶ ҶТ (74,10 %) ташкил медиҳад. Ҳиссаи моддаҳои дигари КҶ ҶТ дар тӯли 10 сол чунин аст: м. 189 – 491 (5,17 %); м. 307 – 473 (4,98 %); м. 307(1) – 959 (9,05 %); м. 307(2) – 633 (6,67 %). Аммо, таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ ва пурсиши сотсиологии кормандони амалӣ тасдиқ мекунад, ки зиёда аз 90 % ҳолатҳо гунаҳкорон на ҳамчун ташкилкунанда, балки ҳамчун иштирокчиёни фаъолияти ташкилоти экстремистӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ғайр аз ин, гунаҳгоршавандагон дар аксари мавридҳо дар бораи роҳбарони чунин ташкилотҳо маълумоти дақиқ надоранд, дар бораи онҳо аз фазои маҷозӣ маълумоти ноқис доранд. Аломатҳои объективии фаъолияти экстремистии онҳо дар навиштани шарҳҳои мусбат, гузоштани «лайкҳо» ё паҳн кардани маводи экстремистӣ, ки бо муқаррароти м.м. 189, 307, 307(1) КҶ ҶТ онҳоро дар бар мегиранд (ба истисноӣ лайк), ифода меёбанд [24-М, 25-М, 70-М, 62-М].

18. Афзоиши ҷиноятҳои содиршуда тибқи м. 307(3) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соли 2022, аз як тараф, бо ба қудрат расидани ташкилоти экстремистӣ-террористии «Толибон» дар Афғонистон ва паҳншавии бесобиқаи идеологияи экстремистии онҳо дар Интернет ва аз тарафи дигар, ба сари ҳокимият омадани гурӯҳи экстремистии

«Таҳрир аш-Шом» дар Сурия ва низои мусаллаҳона дар Фаластин алоқаманд бошад, омили дигари афзоиши чунин ҷиноятҳо ин пешбинӣ гардидани эзоҳ вобаста ба озод кардани афродеро, ки аз амалҳои экстремистии худ сидқан пушаймон шуда, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ошкор ва пешгирӣ кардани онҳо мусоидат кардааст. Зеро барои натиҷагирӣ дар фаъолияти корӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аввалан нисбати шахсони гумонбаршуда парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда, сипас бо татбиқ кардани эзоҳи м. 307(3) КҶ ҶТ онҳоро ба ватан баргардонидаанд. Чунки сиёсатии имрӯзаи кишвар бо дарназардошти принсипи инсондӯстӣ, огоҳонидан ва пешгирӣ кардани зуҳуроти экстремистӣ аст, на ҷазо додани шумораи зиёди ҷавонон. Дар ин робита, дар тӯли 10 соли охир, беш аз 1850 нафароне, ки ба қаблан сафҳои ташкилоти экстремистӣ-террористӣ пайваста буданд, ба ватан ихтиёран баргардонида шуданд [24-М, 25-М, 70-М, 62-М].

19. Аз нигоҳи ташкилӣ-ҳуқуқӣ, илмӣ-педагогӣ ва иттилоотӣ-идеологӣ, сабаб ва шароитҳои умумииҷтимоии (дохилӣ) ва объективии ҷиноятҳои экстремистӣ инҳоянд:

а) набудани фаъолиятҳои ҳамоҳангшудаи илмӣ-тадқиқотӣ ва илмӣ-педагогӣ мақомоти дахлдори давлатӣ, вазорату идораҳо вобаста ба омӯзиши табиати экстремизми динӣ-сиёсӣ;

б) набудани стандартҳои давлатӣ, барномаҳо, фанҳои таълимӣ ва курсҳои махсус дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, коллеҷҳо, техникумҳо ва донишгоҳҳои ҷумҳурӣ вобаста ба муқовимат ба экстремизм;

в) нарасидани омӯзгорони соҳибихтисос, идеологҳо ва илоҳиётшиносон дар ҳама зинаҳо (дар мактабҳо, донишгоҳҳо, масҷидҳо, ВАО ва платформаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла Интернет);

г) набудани механизми арзёбӣ ва мониторинги сифати таълими хонандагон, донишҷӯён ва омӯзгорон дар ин самт [24-М, 25-М, 70-М, 62-М].

20. Таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ, омори СМИТ ВКД ҶТ ва натиҷаҳои пурсишҳои сотсиологӣ собит месозанд, ки дар аксари мавридҳо шахсоне, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ содир кардаанд, мардон (зиёда аз 97 %) мебошанд, ки дар синну соли: 14-18 сола – 1,81 %; 19-23 сола – 16,55 %; 24-28 сола – 21,91 %; 29-33 сола – 20,91 %; 34-38 сола – 14,82 %; 39-43 сола – 10,56 %; 44-48 сола – 6,05 %; 49-53 сола – 3,35 %; 54-58 сола – 2,18 %; 59-63 сола – 1,11 %; 64 сола ва боло аз он – 0,74 % мебошанд. Аъзоёни «фаъоли» ташкилоти экстремистӣ-террористӣ шахсони 19-38 сола (73,87 %) мебошанд. Ғайр аз ин, 75-85 % ин гурӯҳ афрод маълумоти миёнаи нопурра ё пурра доранд. Танҳо 8-10 % чунин шахсон маълумоти олӣ ё миёнаи техникӣ доранд, ки аксарияти кулли онҳо сокинони деҳот ё шаҳр мебошанд, ки ҷойи кори доимӣ надоранд [24-М, 25-М, 70-М, 62-М].

21. Шахсияти экстремист бо сохтори мураккаб, аз ҷумла хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографӣ, равонӣ ва биофизикӣ тавсиф мешавад. Омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ баромади иҷтимоӣ, муҳити оилавӣ, вазъи молиявӣ, намуди фаъолияти касбӣ ва мансубияти миллӣ ва диниро дар бар мегиранд. Ҷанбаҳои равонӣ сатҳи рушди равонӣ, малака, одатҳо, мавқеи иҷтимоӣ, манфиатҳо, сифатҳои фарҳангӣ, таълимӣ ва ахлоқӣ-маънавӣ, инчунин равандҳо, хусусиятҳо ва ҳолатҳои равониро дар бар мегиранд. Хусусиятҳои биофизикӣ ҷинс, синну сол, саломатӣ ва сохтори ҷисмониро дар бар мегиранд. Вайрон гардидани унсурҳои ба ҳам алоқаманди зерсохторҳо боиси вайрон шудани якпорчагии тамоми сохтори шахсияти экстремист мегардад, зеро онҳо дар якҷоягӣ ташаккули онро таъмин менамоянд.

22. Заминаҳои бунёдии бартараф кардани сабабҳои умумииҷтимоии пайдоиши идеологияи экстремистии дорои хусусияти динӣ дар сатҳи зарурӣ иҷро намудани талаботи қонунҳои миллӣ «Дар бораи танзими ҷашну маросимҳо», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва «Дар бораи тарбияи ватандӯстонаи шаҳрвандон» мебошанд, ки асосҳои

ҳуқуқӣ, ташкилӣ, сиёсӣ, динӣ, ватандӯстӣ ва иттилоотӣ-таблиғотиро барои муқовимат ба идеологияи экстремистӣ муқаррар мекунанд [40-М, 60-М].

23. Пешгирии махсуси криминологӣ – таъсири мақсаднок ба омилҳои ҷиноятӣ мебошад, ки барои таъсир гузоштан ба намудҳои мушаххаси ҷиноятҳо ё гурӯҳҳои мушаххаси зиддиҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Чунин таъсир аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба сабаб ва шароити мушаххаси содир кардани ҷиноятҳо, ки ваколатҳои онҳо мустақиман бо пешгирии ҷинояткорӣ алоқамانданд, равона карда мешавад [55-М].

24. Барои беҳтар кардани фаъолияти мақомоти давлатӣ дар муқовимат ба экстремизм, пешниҳод карда мешавад, ки банди 2 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати илмӣ-техникии давлатӣ» аз 18-уми марти соли 2015, таҳти №1197 чунин тағйиру иловаҳо ворид карда шавад: «Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолияти ташкилотҳои (ё муассисаҳои) илмӣ-тадқиқотӣ, ташкилотҳои илмӣ (ё муассисаҳо), муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва дигар ташкилотҳоеро (ё муассисаҳоеро), ки фаъолияти илмӣ ва илмӣ-техникиро дар соҳаи муқовимат ба идеологияи экстремистӣ анҷом медиҳанд, ҳамоҳанг месозад» [45-М, 51-М].

25. Мувофиқи мақсад аст, ки дар моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ба Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколати зерин илова карда шаванд: «– фаъолияти иттилоотӣ – таблиғотии вазорату идораҳоро дар муқовимат ба идеологияи экстремистӣ-террористӣ дар ВАО ва Интернет ҳамоҳанг месозад».

26. Бо мақсади сарфакории вақт, қувва, воситаҳо ва дигар захираҳои МКД дар самти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғону ҷавонон, таъсиси Комиссияи муштараки давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар назди ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст. Зеро айни замон бори асосии корҳои огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар

ҳама самтҳо ба дӯши МКД вогузор шудааст ва худи мавҷудияти Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон ва ҷавонони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарии ин вазоратро нисбат ба дигар мақомоти давлатӣ дар самти ташкили пешгирии ҷиноятконӣ собит месозад. Чунин равиш ба мақомоти милитсия имкон медиҳад, ки ҳамчун ниҳоди масъули огоҳонии ҷиноятконӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ фаъолияти дигар вазорату идораҳои шаҳрвандиро, ки субъекти корҳои профилактикӣ мебошанд, дар ин самт ҳамоҳанг созад [43-М, 47-М].

27. Ситоди байниидоравии амалкунанда оид ба пешгирӣ ва мубориза бо бетартибиҳои оммавӣ дар Душанбе метавонад ҳамчун намунаи Комиссияи муштараки давлатии муқовимат ба ҷиноятконӣ дар назди ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад кунад. Ин аз он сабаб аст, ки мувофиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи байниидоравӣ, вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбари ин ситоди муштарак мебошад. Ҳамаи мансабдорони баландпояи вазорату кумитаҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, мақомоти амнияти миллӣ, коррупсия, хадамоти гумрук ва ғ. дар доираи ин Ситоди байниидоравӣ ҳамчун муовинони сардори ситод фаъолият мекунанд ва дар доираи масъулиятҳои идоравии худ қарорҳои муштарак қабулшударо оид ба вазифаҳои мушаххаси марбут ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирӣ ва рафъ кардани бетартибиҳои оммавӣ амалӣ менамоянд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ

Барои ҳалли масъалаҳои илмӣ, таълимӣ, кадрӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои ташкилӣ, ки ба бартараф кардани сабаб ва омилҳои умумииҷтимоии пайдоиши экстремизм нигаронида шудаанд, тавсия дода мешавад:

1. Тавзеҳоти таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ анҷом дода шуда, масъалаҳои мушкили дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки бо норавшанӣ ва номувофиқии квалификатсияи чунин ҷиноятҳо алоқаманданд, муайян карда шаванд ва қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои экстремизм аз ҷониби судҳо» қабул карда шавад. Барои таъмини якрангӣ дар таҷрибаи судӣ оид ба ҷавобгарӣ барои экстремизм, пешниҳод карда мешавад, ки дар матни қарор меъёрҳои фарқгузории ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии дорои чунин хусусият муайян карда шаванд. Ҳамчунин, муайян кардани марзҳои ҳуқуқӣ байни м.м. 189 ва 307(1) КҶ ҶТ, байни м.м. 307 ва 307(1) КҶ ҶТ ва байни м.м. 307(2) ва 307(3) КҶ ҶТ дар сатҳи асосноктар, бо дарназардошти талаботи м. 11(1) КҶ ҶТ.

2. Моддаи 462(1) КҲМ ҶТ (Экстремизм) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Кирдоре, ки барои ба таври пинҳонӣ ё ошкоро амалӣ сохтани даъватҳо бо мақсади барангехтани кинаву адоват дар сатҳи иҷтимоӣ, паст задани шаъну шарафи шахс ё паҳн ва сафед кардани идеологияи экстремистӣ дар шакли ғайрифаъол (гузоштани «лайк», навиштани шарҳҳо ва ғайра) аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ, нажодӣ, миллатгароӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва маҳаллӣ равона шудааст, ё паҳн кардани маводи экстремистӣ, аз ҷумла тавассути истифодаи ВАО ё шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла Интернет, дар сурати набудани аломатҳои ҷиноят, ба ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди ҳабси маъмурӣ ба мӯҳлати бисту панҷ шабонарӯз бо татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти идеологӣ кашида мешавад, барои шахсони ҳуқуқӣ ҷарима ба андозаи аз чорсад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо татбиқ карда мешавад.

2. Ҳамин кирдорҳои дар қисми якуми ҳамин модда зикршуда, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шудаанд, барои шахсони воқеӣ ба мӯҳлати то сӣ шабонарӯз ҳабси маъмурӣ бо татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти идеологидошта ва барои шахсони ҳуқуқӣ ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳафтсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо татбиқ карда мешавад.

*Эзоҳ 1.* Ба ҷавобгарии маъмурӣ шахсоне кашида мешаванд, ки шахсият ва ҳуқуқвайронкуниҳо экстремистии содиркардаи онҳо барои шахс, ҷомеа ё давлат хатари ҷамъиятӣ надоранд.

*Эзоҳ 2.* Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти идеологӣ фарогири талаботи стандартҳо ва барномаҳои давлатӣ барои бозомӯзии шахсоне мебошанд, ки кирдорҳои маъмурии дорои хусусияти экстремистӣ содир кардаанд. Чунин чораҳо барои ташаккули муносибати таҳаммулпазирона ва таъмини ҳамзистии осоиштаи ҳамаи миллату халқҳо равона шудаанд» [21-М, 23-М].

3. Аз сабаби бо пуррагӣ дерадикализатсия кардани тафаккури экстремистии динӣ дар байни афроде, ки дар муассисаҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои экстремизм ва терроризм маҳкум шудаанд, имконнопазир аст, тавсия дода мешавад, ки барои ин категорияи маҳбусон колонияҳои махсуси ислоҳӣ таъсис дода шаванд ва ба онҳо шароити махсуси зиддиэкстремистӣ фароҳам оварда шаванд. Аз ҷумла, бояд ходимони динии касбӣ, таҳияи фанҳо ва барномаҳои махсус барои барқарорсозии мафкураи онҳо ва таъмини назорати махсуси татбиқи чунин чораҳо ба роҳ монда шавад [25-М].

4. Таҳия ва татбиқи курси махсуси муқовимат ба экстремизми динӣ-сиёсӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот, ки ба методологияи илмии комил асос ёфтааст. Ташкил ва гузаронидани курси такмили ихтисос барои омӯзгорони ҳама зинаҳои таҳсилот вобаста ба муқовимат ба экстремизм.

5. Таъсиси Комиссияҳои давлатии зиддитеррористӣ дар ҳама сатҳҳо (ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ) бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, ходимони дин ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ барои таблиғоти комили зиддитеррористӣ дар ВАО ва Интернет [5-М, 10-М].

Ба моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» банди нави 7.3 илова карда шавад: «Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ваколатҳои зеринро дорад:

– фаъолияти муассисаҳои илмии ҳамаи вазорату кумитаҳо ва идораҳоро дар гузаронидани тадқиқоти муштарак ва ҳамаҷонибаи илмӣ дар соҳаи муқовимат ба идеологияи экстремистӣ-террористӣ ҳамоҳанг созад».

Ба моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» банди нави 7.1 бо мазмуни зерин ворид карда шавад: «Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ваколатҳои зеринро дорад:

– фаъолияти муассисаҳои илмӣ, педагогӣ ва таълимиро дар таҳияи стандартҳо ва барномаҳои давлатӣ, китобҳои дарсӣ ва курсҳои махсус вобаста ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои ҳама зинаҳои таҳсилот ҳамоҳанг созад» [51-М].

Ба моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» банди нави 7.2 ворид карда шавад: «Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ваколатҳои зеринро дорад:

– фаъолияти иттилоотӣ-таблиғотии вазорату идораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятиву динӣ ва шахсони воқеиву ҳуқуқиро дар муқовимат ба идеологияи экстремистӣ-террористӣ дар ВАО ва Интернет ҳамоҳанг месозад».

6. Ба моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» тағйирот ва иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

«1. Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ваколатҳои зеринро дорад:

– ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои муқовимат ба экстремизмро дар соҳаи ФОҶ, разведкавӣ ва зиддиразведкавӣ дар муайян ва пешгирӣ кардани фаъолияти ташкилоти экстремистӣ-террористӣ амалӣ месозад.

2. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ваколатҳои зеринро дорад:

– ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои муқовимат ба экстремизмро дар самти ташкили огоҳонӣ ва пешгирии фаъолияти экстремистӣ амалӣ месозад.

3. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ваколатҳои зеринро дорад:

– фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар гузаронидани таҳқиқ, тафтишот, огоҳонӣ ва пешгирии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо тартиби назорати умумӣ ҳамоҳанг месозад» [55-М].

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми пешгирӣ ва огоҳонии ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғон» ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми пешгирӣ ва огоҳонии ҷинояткории ноболиғон ва ҷавонон» тағйир дода шавад.

8. Банди 2.1 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми пешгирӣ ва огоҳонии ҷинояткории ноболиғон ва ҷавонон» бо чунин таҳрир тағйир дода шавад:

«– Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳамоҳангсози фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба пешгирӣ ва огоҳонии ҷинояткории ноболиғон ва ҷавонон баромад менамояд» [56-А].

# ФЕҲРИСТИ
# ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

## I. Монография ва дастури илмӣ-таълимӣ:

**[1-М].** Сафаров, Х.С. Актуальные проблемы законодательного регулирования и квалификации терроризма (на материалах Республики Таджикистан и стран СНГ) [Текст]: монография / Х.С. Сафаров. – Душанбе: 2006. –116 с.

**[2-М].** Сафаров, Х.С. Основы антитеррористической деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан [Текст]: монография / Х.С. Сафаров. – Душанбе: «Ирфон», 2010. – 256 с.; ISBN 978-99947-65-33-1.

**[3-М].** Сафарзода, Ҳ.С. Асосҳои муқовимат ба экстремизми (ифротгароии) динӣ (мазҳабӣ) [Матн]: монографияи дастҷамъона / Ҳ.С. Сафарзода [ва диг.]. – Душанбе: «Торус», 2022. – 260 с.; ISBN 978-99985-67-01-6.

**[4-М].** Сафарзода, Ҳ.С. Муқовимат ба экстремизм ва терроризм [Матн]: дастури илмӣ-таълимӣ / Ҳ.С. Сафарзода [ва диг.]. – Душанбе: «Торус», 2024. – 432с.; ISBN 978-99985-67-26-9.

**[5-М].** Сафарзода, Х.С. Терроризм и экстремизм как угроза национальной безопасности: криминалистическое противодействие и профилактика. [Текст]: монография / Х.С. Сафаров [и др.] / Под ред. Т.С. Волчецкой. – Калининград: Изд-во БФУ им. И. Канта, 2024. – 184 с.; ISBN 978-5-9971-0939-4.

## II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[6-М].** Сафаров, Х.С. Некоторые проблемы отграничения терроризма от террористического акта по уголовному законодательству Таджикистана [Текст] / Х.С. Сафаров // Право: теория и практика. – 2005. – №2 (№3/5 (118)). – С. 105-111; ISSN 2413-5151.

**[7-М].** Сафаров, Х.С. Основные подходы к определению соотношения понятий терроризм и экстремизм в уголовном праве [Текст] / Х.С. Сафаров // Черные дыры в Российском законодательстве. – 2010. – №2 – С. 75-80; ISSN 2413-5151.

**[8-M].** Сафаров, Х.С. К вопросу о соотношении законодательных определений «антитеррористическая деятельность», «противодействие терроризму», «контртеррористическая деятельность» и «борьба с терроризмом» [Текст] / Х.С. Сафаров // Труды Академии управления МВД России. – 2011. – №4 (20). – С. 89-94; ISSN 2072-9391.

**[9-M].** Сафаров, Ҳ.С., Ҳайдарзода, М.П. Баъзе масъалаҳои тавсифи криминологии ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.С. Сафаров, М.П. Ҳайдарзода // Осори Академия. – 2018. – №2 (38). – С. 111-115; ISSN 2412-141X.

**[10-M].** Сафаров, Х.С. Теоретические аспекты организации антитеррористической деятельности [Текст] / Х.С. Сафаров // Труды Академии. – 2018. – №3 (39). – С. 49-55; ISSN 2412-141X.

**[11-M].** Сафаров, Х.С. Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии терроризми байналмилалӣ дар қонунгузории зиддитеррористии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Х.С. Сафаров // Осори Академия. – 2019. – №1 (41). – С. 80-87; ISSN 2412-141X.

**[12-M].** Сафарзода, Ҳ.С., Ҳайдарзода, М.П. Оид ба баъзе масъалаҳои бандубасти ҷинояти ҷосусӣ [Матн] / Ҳ.С. Сафарзода, М.П. Ҳайдарзода // Осори Академия. – 2020. – №4 (48). – С. 82-88; ISSN 2412-141X.

**[13-M].** Сафарзода, Ҳ.С., Аҳёзода, Ш.Т. Вижагиҳои хосси ҷиноятҳои характери экстремистидошта, ки бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет содир карда мешаванд [Матн] / Ҳ.С. Сафарзода, Ш.Т. Аҳёзода // Осори Академия. – 2021. – №4 (52). – С. 92-100; ISSN 2412-141X.

**[14-M].** Сафарзода, Ҳ.С., Мирзоумарзода, А.М. Хусусиятҳои хоси ҷинояткории ноболиғон ва роҳҳои пешгирии онҳо [Матн] / Ҳ.С. Сафарзода, А.М. Мирзоумарзода // Осори Академия. – 2021 – №4 (52). – С. 97-102; ISSN 2412-141X.

**[15-M].** Сафарзода, Ҳ.С, Нурулло, М. Масоили назариявӣ-ҳуқуқии мафҳумҳои «ҳолати фавқулодда» ва «вазъияти фавқулодда» [Матн] / Ҳ.С. Сафарзода, М. Нурулло // Осори Академия. – 2023. – №4 (60). – С. 116-127; ISSN 2412-141X.

**[16-М].** Сафарзода, Ҳ.С., Самиъзода, Б.С. Андешаҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар муқовимат ба экстремизм [Матн] / Ҳ.С. Сафарзода, Б.С. Самиъзода // Осори Академия. – 2024. – №2 (62). – С. 57-67; ISSN 2412-141X.

**[17-М].** Сафарзода, Х.С., Сидорова, Е.З. Терроризм как угроза государственной и международной безопасности: уголовно-правовая характеристика [Текст] / Х.С. Сафаров, Е.З. Сидорова // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2024. – №3 (63). – С. 64-71; ISSN 2412-141X.

**[18-М].** Сафарзода, Х.С. Основные подходы по определению правового содержания современного экстремизма и перспективы его совершенствования [Текст] / Х.С. Сафарзода // Труды Академии. – 2024. – №4 (64). – С. 69-77; ISSN 2412-141X.

**[19-М].** Сафарзода, Х.С. Понятие и содержание экстремизма в региональном международном праве [Текст] / Х.С. Сафарзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2025. – №2 (66). – С. 57-67; ISSN 2412-141X.

**[20-М].** Сафарзода, Х.С. Сущность и содержание понятия «экстремизм» в международном праве [Текст] / Х.С. Сафарзода // Труды Академии. – 2025. – №2 (66). – С. 70-79; ISSN 2412-141X.

**[21-М].** Сафарзода, Х.С. Конституционные и административно-правовые нормы как источники определения уголовно-правовой природы экстремизма [Текст] / Х.С. Сафарзода // Труды Академии. – 2025. – №3 (67). – С. 73-79; ISSN 2412-141X.

**[22-М].** Сафарзода, Х.С., Солиев, К.Х. Факторы, детерминирующие экстремизм в Республики Таджикистан [Текст] / Х.С. Сафарзода, К.Х. Солиев // Законодательство. – 2025. – №3 (59). – С. 203-213; ISSN 2410-2903.

**[23-М].** Сафарзода, Х.С., Солиев, К.Х. Некоторые направления совершенсвования уголовно-правовых мер противодействия экстремизму в Республике Таджикистан [Текст] / Х.С. Сафарзода, К.Х. Солиев // Законодательство. – 2025. – №3 (59). – С. 214-222; ISSN 2410-2903.

**[24-М].** Сафарзода, Х.С. К вопросу о концептуальных основах правовой квалификации экстремизма и

криминологических мер противодействия экстремистской преступности в Республике Таджикистан [Текст] / Х.С. Сафарзода // Наука и безопасность. Высшая школа КГНБ РТ. – 2025. – №3 (13). – С. 112-118; ISSN 2959-6394 (Print).

**[25-М].** Сафарзода, Х.С., Зоир, Дж.М. Некоторые особенности специально-криминологической профилактики экстремизма органами внутренних дел Республики Таджикистан [Текст] / Х.С. Сафарзода, Дж.М. Зоир // Законодательство. – 2025. – №4 (60). – С. 214-222; ISSN 2410-2903.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[26-М].** Сафаров, Х.С. Особенности закрепления и соотношения законодательных конструкций терроризма в Республике Таджикистан и странах СНГ [Текст] / Х.С. Сафаров // Труды Академии. – 2007. – Выпуск 10. – С. 81-94.

**[27-М].** Сафаров, Ҳ.С. Таносуби мафҳумҳои «такрори ҷиноят» ва маҷмуи ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (проблемаҳо ва мулоҳизаҳо) [Матн] / Ҳ.С. Сафаров // Осори Академияи. – 2008. – Нашри 11. – С. 88-95.

**[28-М].** Сафаров, Х.С. К вопросу религиозном экстремизме и терроризме [Текст] / Х.С. Сафаров // Труды Академии. – 2010. – №1 (13). – С. 93-111.

**[29-М].** Сафаров, Х.С. О проблемах координационной деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан в борьбе с терроризмом [Текст] / Х.С. Сафаров // Труды Академии. – 2010. – №2 (14). – С. 33-39.

**[30-М].** Сафаров, Х.С. Соотношение определений «террористическая деятельность» и «экстремистская деятельность» в законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / Х.С. Сафаров // Труды Академии. – 2011. – №1 (15). – С. 110-118.

**[31-М].** Сафаров, Х.С. Особенности организации и проведения контртеррористической операции [Текст] / Х.С. Сафаров // Труды Академии. – 2011. – №2 (16). – С. 26-35.

**[32-М].** Сафаров, Ҳ.С., Солиев, К.Ҳ. Самтҳои асосии ташкили мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.С. Сафаров, К.Ҳ. Солиев // Осори Академия. – 2012. – №2 (18). – С. 16-21.

**[33-М].** Шарипов, Т.Ш., Сафаров, Ҳ.С. Баъзе андешаҳо перомуни таносуби мафҳумҳои «экстремизм», «фундаментализм», «радикализм», натсионализм ва «сепаратизм» [Матн] / Т.Ш. Шарипов, Ҳ.С. Сафаров // Осори Академия. – 2015. – №4 (28) – С. 33-40.

**[34-М].** Сафаров, Х.С. Современные угрозы экстремизма и проблемы их пресечения [Текст] / Х.С. Сафаров // Актуальные проблемы реформирования органов внутренних дел Республики Таджикистан: матерыали международной научно-практич. конференции. – Душанбе, 2015. – С. 173-178.

**[35-М].** Сафарзода, Х.С. О некоторых организационно-правовых аспектах противодействия экстремизму и терроризму в Таджикистане [Текст] / Х.С. Сафарзода // Актуальные проблемы права и государства: в XXI веке: материалы IX Международной научно-практической конференции – Уфа: Уфимский ЮИ МВД России, 2017. – С. 45-50.

**[36-М].** Сафаров, Х.С., Мансурзода, А.М. Общая характеристика терроризма в междунардоном и уголовном праве [Текст] / Х.С. Сафаров, А.М. Мансурзода // Развитие юридической науки в современных условиях: теория и практика: VI Международная научно-практич. конференция, 2018. – С. 243-246.

**[37-М].** Сафарзода, Х.С., Мансурзода, А.М. Терроризм и экстремизм как форма отрицания прав человека [Текст] / Х.С. Сафарзода, А.М. Мансурзода // Актуальные проблемы государства и общества в области обеспечения прав и свобод человека и гражданина. – 2019. – №2. – С. 39-45.

